РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ БА БАҲОДУР МОШИН ҲАДЯ КАРД с.10

УКРАИНА УЗВИ НАТО МЕШАВАД? с.4

МУРҒОБ АЗ ОФТОБ БАРҚ МЕГИРАД с.5

ТОҶИКИСТОН

№28 (1539)
12.07.23

~ Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якҷост! ~





ВАҚТЕ «НОНИ ДУЮМ» ДАНДОН МЕШИКАНАД

M.O.O. Group

СЕБИСТОН-2018
— ШИРКАТИ СОХТМОНӢ —

Бартарии «ҲИСОР МОЛЛ»

МАҶМААИ ИСТИҚОМАТИИ «ҲИСОР МОЛЛ»

Маҷмааи бисёрфункционалии "Ҳисор мол" бо ҷойгирониии 3-блоки биноҳои истиқоматии бисёрбаландошёнаи истиқоматӣ, воқеъ дар Ҷамоати шаҳраки Ҳисор ҷойгир аст.

ХАРИДИ ХОНА ДАР МАҶМААИ БИСЁРФУНКСИОНАЛИИ "ҲИСОР МОЛ" ОСОН ШУД. ҲАМАГӢ 30 ФОИЗИ МАБЛАҒРО ПЕШПАРДОХТ НАМОЕД ВА 70 ФОИЗИ БОҚИМОНДАРО ДАР ДАВОМИ 3 СОЛ БЕ ЯГОН ФОИЗИ ИЛОВАГӢ СУПОРЕД

- Хонаҳои бароҳат аз 47,7 м2 то 134,2 м2
- Фасади зебо бо тирезаҳои панорамӣ
- Лифтҳои баландсуръати пассажир ва боркашонӣ
- Системаи гармидиҳӣ ва хунуккунии инфиродӣ
- Системаи инфиродии обтаъминкунӣ
- Хидмати консерж 24/7
- 108 ҷой барои таваққуфгоҳ Гипермаркет
- Ду кинотеатр
- Маркази фароғатии кӯдакон
- Кортҳои хӯрокворӣ
- SPA
- Ҳавзи шиновариии дарунӣ
- Маркази фитнес



Телефони шуъбаи фурӯш: +992 (372) 221-85-85 +992 887-00-31-33 | 00-277-33-55 | 301-99-99-99

ДАР ИН ШУМОРА:

АБДУСАТТОР ИСОЕВ:
Ба қадри муҳоҷирон бояд расид
с.4

ТЕППАИ ҚӮРҒОН
Раиси Хатлон онро бозсозӣ мекунад?
с.7

МАҲСУЛОТИ АРЗОН
Ярмарка барои сокинони пойтахт
с.5

АБДУҲАКИМ АШӮРОВ:
Мушкилоти КМ "Зарафшон" аз байн рафт
с.8

"ДАВЛАТИ ИСЛОМӢ" ДАР АВРУПО
Чаро бештар тоҷикон боздошт мешаванд?
с.11

АДАБИЁТ
Шоире, ки 42 фарзанд дошт...
с.13

ПИЁДАГАРДӢ
Аз камшавии вазн то пирии бедард
с.12

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА,
муовини сармуҳаррир

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Талбак НАЗАРОВ,
раиси "Сандуқи хайрияи Тоҷикистон", академик

Фарҳод РАҲИМӢ,
Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, академик

Шералӣ КАБИР,
вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

Масъуди МИРШОҲӢ,
раиси Бунёди Рӯдакӣ (Фаронса)

Қозидавлат ҚОИМДОДОВ,
сиёсатмадор

Адаш ИСТАД,
нависанда (Узбекистон)

Ҳафиз РАҲМОН,
адабиётшинос

Иноят ИНОЯТОВ,
ҳуқуқшинос

Фазлиддин АСОЗОДА,
муҳаррири сомонаи Pressa.tj

Умед СУЛТОНОВ,
саҳифабанд

МУАССИС:
Ҳайати кормандони ҳафтанома

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.
Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолиброаз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО
918-66-82-64,
221-41-11

ПЕШНИҲОДИ АҲМАДЗОДА БА САРМОЯГУЗОРОНИ РУСИЯ

Раиси вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзода дар доираи сафари корӣ ба Русия бо губернатори вилояти Свердловск Евгений Куйвашев мулоқот кард.

Раҷаббой Аҳмадзода ба ҳамтои худ аснои суҳбат таъкид кард, ки "дар вилояти Суғд саноати куҳӣ-металлургӣ ва саноати сабук рушд ёфта, корхонаҳои азими саноатӣ фаъолият доранд. Имкониятҳо барои коркард ва истеҳсоли маъдан, пахта, меваю сабзавот, доруворӣ, техникаи маишӣ фаровон буда, соҳибкорони тоҷик омода ҳастанд, ки бо сармоягузорони рус ҳамкориро густариш бахшанд".

Евгений Куйвашев омодагии худро барои рушди ҳамкорӣ дар бахшҳои саноату кишоварзӣ, маорифу тандурустӣ, омода намудани омӯзгорон барои мактабҳои русзабон изҳор намудааст.

КОРМАНДИ КОМИССАРИАТ 10 СОЛ ҲУКМ ГИРИФТ

Рустам Мирсалимов барои содир намудани ҷинояти қаллобӣ ба миқдори махсусан калон айбдор шуд.

Ҳамин тавр, тафтиши парвандаи ҷиноятӣ нисбати хизматчии ҳарбӣ — ичрокунандаи масъул оид ба назорати мудофиаи ҳудудии зершуъбаи сафарбарии Комиссариати ҳарбии ноҳияи Фирдавсӣ, прапоршик Рустам Мирсалимов ба суд ирсол гардид. Бо ҳукми Суди ҳарбии гарнизони Душанбе нисбати Мирсалимов Р. О. ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати 10 сол, бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайяни мансубияти ҷавобгарии молу мулкидошта ба муҳлати 3 сол, бо адои ҷазо дар колонияи ислоҳии дорои низомаш пурзӯр таъин карда шудааст.

Дар рафти тафтишот муайян шудааст, ки Мирсалимов Р. О. бо мақсади ғараз ва тасарруфи молу мулки ғайр ё ба даст овардани ҳуқуқ ба молу мулки ғайр бо роҳи фиреб ё сӯйистифодаи боварӣ дар давраи аз моҳи июл то моҳи сентябри соли 2022 дар 9 ҳолат ба содир намудани ҷинояти қаллобӣ даст зада, 31 нафар шахрвандонро фиреб дода, ба онҳо дар маҷмуъ ба маблағи 689493 сомонӣ зарари моддӣ расонидааст.

Аз ҷумла, номбурда бо либоси низомӣ ба боғчаи кӯдаконаи №31-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе рафта, худро ҳамчун намояндаи Комиссариати ҳарбии ноҳияи Фирдавсӣ муаррифӣ намуда, бо роҳи фиреб ва сӯйистифодаи боварӣ кормандони боғчаро гумроҳ месозад, ки "гӯё аз ҳисоби ташкилотҳои хайриявии Арабистони Саудӣ ба оилаҳои камбизоат ва ниёзманд кумакҳои башардӯстона дастрас шудааст, агар хоҳишмандон барои гирифтани кумак ниёз дошта бошанд, метавонанд ба ӯ мурочиат намоянд".

Кормандони кӯдакистон аз мақсадҳои ғаразноки Мирсалимов Р. О. хабардор набуда, ба суханони бардурӯғаш бовар карда, дар маҷмуъ 6793 сомонӣ маблағи пулиро ҷамъ оварда, ба вай додаанд. Номбурда ин маблағро гирифта, ба манфиати шахсияш истифода бурдааст.

Бо чунин роҳу усул Мирсалимов Р. О. боз 29 нафарро фиреб додааст.



Рустам Мирзомуродзода, сардори РБДА


ТАҒЙИРОТИ КАДРӢ ДАР ВКД

12-уми июл дар як қатор воҳидҳои сохтории Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон тағйироти кадрӣ сурат гирифт.

Дар мувофиқа бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суҳроб Қурбонзода аз вазифаи сардори Раёсати Бозрасии давлатии автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод гардида, Рустам Мирзомуродзода ба ин вазифа таъйин гардид. Ҳамчунин, сардорони Раёсатҳои Вазорати корҳои дохилӣ дар минтақа ва ноҳияи Рашт, Воҳиди махсуси Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба самтҳои ҳаракати Сарвари давлат ва меҳмонони оликадр, Раёсати экологӣ ва сайёҳӣ ва Раёсати Бозрасии давлатии автомобилӣ дар шаҳри Душанбе, кадрҳои нав таъйин гардиданд.

PRESSA.TJ
СОМОНАИ НАШРИЯИ ТОҶИКИСТОН
ХАБАРҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶАҲОН

САРИ САБЗ



Султон УСМОНОВ, режиссёр

- Театр бояд кори театрии худашро кунад. Театр бояд аз тамошобин ду қадам пештар бошад. Сатҳи намоишҳоямон агар хуб бошад, чӣ фоҷиа аст, чӣ комедия аст, ҳатман тамошобини худро пайдо мекунад. Мо корамонро хуб анҷом надода истодаем.

- Эҳааа, мо дар фикри ақаллан як қадам пештар будани театрему шумо дар бораи ду қадам чақ-чақ доред! Дар мавриди кори театрӣ бошад, рост мегӯед, ҳар кас бояд кори худашро кунад!



Бахтиёр АКСАКАЛОВ, гиторнавоз ва танзимгари ҷавон

- Шод мешавам, агар аз ҳамсолонам рақибе пайдо кунам... Агар аз аввал танҳо сабки хориҷиро нусха карда менавохтам, дақиқ буд, ки наметавонистам аз ин ба баъд услуби худро дарёбам. Нафаре, ки касби худро эҳтиром намекунад, ҷойи пешравӣ ақиб меравад.

- Дар гумон аст, ки ин орзуятон ҷомаи амал пӯшад. Агар рэпсаро мешудед, баъд метавонистед дар бораи рақиб гап занед ва ҳатто бо рақибонатон умуман баробар шуда наметавонистед.



Ҳасан ҶУМАЕВ, кандакор

- Ман 4 сол дар толори "Гулистон"-и Кохи Наврӯз кор кардам. Аксарияти нақшҳои ин толор ба эҷодиёти ман таалуқ доранд, вале мутаассифона номам дар ҳеҷ ҷо нест... Як асар тақрибан дар як сол эҷод мешавад, вале қимати он мувофиқ ба заҳмати яксола пардохт намешавад.

- Парво накунед устобобо! Ҳаминаш хуб аст, ки номатон нест ва мардум нақшҳоро дидаву пурсуков мекунанд, ки муаллифаш кист? Муаллифро ёбанд, ҳақи заҳмататонро мегиред.

ВАҚТЕ «НОНИ ДУЮМ» ДАНДОН МЕШИКАНАД

Бо вуҷуди он, ки мавсими ғунучини ҳосили картошка дар кишвар ҷараён дорад, дар бозорҳои Тоҷикистон нархи ин маҳсулоти ниёзи аввал гарон аст. Сокинон шикоят мекунанд, ки феълан 1 кг картошка дар бозор аз 8 сомонӣ боло аст.



Вазорати кишоварзии Тоҷикистон ахиран бо нашри гузориши матбуотӣ аз ҳолати кишт ва ҳосили картошка маълумот дод. Аз гузориш бармеояд, ки то 1-уми июли соли 2023 дар Тоҷикистон аз майдони 5 ҳазору 735 гектар ҳосили картошка ҷамъоварӣ шудааст, ки 2 083 гектар камтар нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта аст. Ҳосилнокии картошка бошад, 16,8 тонна аз 1 гектарро ташкил додааст, ки 1,4 тонна камтар нисбат ба соли пешин мебошад.

Яъне дар нимсолаи аввали соли 2023 худуди 97 ҳазор тонна картошка истеҳсол шудааст, дар ҳоле ки ҳамагӣ дар 6 моҳи соли гузашта истеҳсоли «нони дуюм» дар ҷумҳурӣ аз 142 ҳазор тонна гузашта буд.

Ҳол он ки, ба иттилои Вазорат, дар соли 2023 майдони умумии киштӣ картошка 36 ҳазору 508 гектарро ташкил медиҳад, ки 1 ҳазору 169 гектар зиёдтар нисбат ба соли 2022 аст.

Сабаби коҳиши истеҳсоли картошкаро коршиносон дар номусоидии обу ҳаво арзёбӣ мекунанд. Зироаткор Муҳаммадмурод Амиров мегӯяд, ки "сардии ғайримуқаррарӣ дар зимистон ва тӯфони чангу ғубор дар охири фасли баҳор ва аввали тобистон боиси коҳиши ҳосилнокии картошка шудааст".

"Дар баъзе навоҳии кишвар нашъунамои поя ва барги картошка хуб аст, вале вақте решаи онро мебинӣ, ҳосил кам дорад. Имсол ҳосил чун ҳарсола нест",- мегӯяд ин картошкапарвар.

Ҳамин аст, ки феълан дар бозорҳои кишвар нархи 1 кг картошка дар бозорҳои Тоҷикистон 7, 8 ва ҳатто 9 сомониро ташкил медиҳад, ки барои ин давра ғайримуқаррарӣ аст. Ҳамасола дар тобистон ва тирамоҳ нархи ин маҳсулот дар бозорҳо арзон аст. Барои мисол, соли гузашта як кг картошка дар ин шабу рӯз 4 сомонӣ нарх дошт.

Тибқи маълумотҳо, дар кишвари мо як нафар солона ба 92 кг картошка эҳтиёҷ дорад. Бо назардошти ин, талаботи умумии кишвар ба картошка то ба 1 млн тонна мерасад.

Вале коршиносон пешгӯӣ мекунанд, ки имсол тибқи нишондоди пешакӣ ҳамагӣ 70%-и ниёзи аҳолӣ дар кишвар картошка истеҳсол мешаваду халос. Аз ин метавон ҳулоса кард, ки соли равон қимати картошка дар бозор гарон хоҳад шуд ва зимистону баҳор шояд нархи "нони дуюм" дандон мешиканад.

О. СОҲИБЗОДА

НОМА БА ВАЗИРИ КИШОВАРЗӢ

Ба лимӯ аз ҳоло таваҷҷуҳ зоҳир кунед!



Қурбон Ҳакимзода, вазири кишоварзии Тоҷикистон

Муҳтарам Қурбон Ҳакимзода! Ин номаро оид ба истеҳсоли лимӯ махсус дар миёнаи тобистон менависам ва ягона хоҳишам ин аст, ки ин бечораро ба гӯшаи фаромӯшӣ насупоред.

Шумо як нафар мутахассиси ҳирфаӣ дар соҳаи кишоварзӣ ҳастед ва шояд булфузулӣ бошад маслиҳати ман барин ғайримутахассис. Аммо, банда он чизеро пеши назар меорам, ки то ин лаҳзаҳо мушоҳида кардаам ва нагуфтанаш, агар иғроқ шавад ҳам, гуноҳ аст.

Ҳамагон ёд дорем боло ҷаҳиданҳои нархи ин навъи маҳсулотро. Хусусан дар давраи ҳангомаҳои даҳшатовари "КОВИД-19", ки лимӯро донаҳакӣ мехаридем ва сарфакорона истифода мебурдем. Хушбахтона, ин имтиҳонро ҳам бо сарбаландӣ гузаштем. Аммо, "сари кафида таги токӣ" гуфта, як муддат гаштему аз як балояш хато хӯрдем ва балои ногаҳонии дигар болои сарамон афтод. Соли гузашта зимистони сарди сард омад ва ҳатто гармхонаҳои лимӯ тоб наовардаву зарар диданд. Ҳатто як нафари шиносам, ки ду гармхонаи ҳудуди 100-метрӣ дорад аз сард задани дарахтҳои лимӯяш шикваву дилсардӣ кард. Он замон шӯхӣ кардам, ки "шуморо дуои мо гирифт". Гуфт:

- Чӣ гуна?

Гуфтам:

- Ҳамон гуна, ки худатон медонед! Барои барори кори деҳқон "кавсан" гуфтанӣ гап ҳаст. Агар ақаллан ҳисобӣ барои мо армуғон меовардед, баракат дар коратон меафзуд...

Албатта, ин шӯхӣ буд. Вале, агар растаҳои бозорҳоро гардиш кардаву аҳамият дода бошед, ҳоло ҳам лимӯ дар фурӯш аст. Дар ҳоле, ки солҳои пеш мавсими тобистон он тухми анқо мешуд. Нархаш ҳам, мувофиқи мавсим, чандон гарон нест ва шояд сабаб он бошад, ки соли гузашта, пеш аз сард задани дарахтон, ҳосили фаровони лимӯ гирифта будем. Масалан, ҳафтае пеш аз бозорчаи Роҳи оҳан лимӯ харидам. Як килояшро бо арзиши 13 сомонӣ. Ҷолибтар ин ки, фурӯшанда бо итоб "безор шудем аз ҳамин лимон" гуфтаву 5-6 донаи дигар болои харидам партофт ва илова кард:

- Инаш туҳфа.

Хурсанд шудам. Аммо, бояд гуфт, ки чунин хурсандӣ натиҷаи хуб надорад. Ба қавле, оқибаташ гиря аст. Албатта, ба шарте, ки чораҳои саривақтӣ андешида нашаванд. Шумо худ нафари тачрибадор ҳастед ва ба қавле, чанд шиму курта аз мо зиёд пӯшидаед. Шояд зиёд шоҳид шуда бошед, ки ҳар вақте маҳсулоте дар як мавсим бемаврид арзон мешавад, дар мавсими лозимӣ камчин мегардад. Ва баръакс, ҳар он чӣ, ки ҷаҳак-ҷаҳак мекунад, дар мавсими дигар ба хоки сиёҳ баробар мешавад. Ҳоло дида истодаем, ки пиёз тадричан, майда-майда пӯсида рафта истодаву мӯйлаби сабзиву картошкафурӯшро табар намебурад. Дақиқ ба хулоса омадан душвор аст, ки "айб дар ош бошад ё дар мош". Шояд вақти ба эътибор гирифтани тавозуни истеҳсоли маҳсулот фаро расида бошад? Дар мавриди истеҳсоли маҳсулоти буттагиву решагии кишоварзӣ, пеш аз ҳама, заминҳои бекорхобида ё аз ҷониби пулдорҳои "бемиён" "забтшуда"-ро ба гардиши кишоварзӣ даровардан лозим. Дар самти парвариши лимӯ бошад, вазъ мураккабтар аст.

Чун истеҳсоли лимӯ бештар зери қаноти бахши хусусӣ мечархад, барои бурду бохташ худи лимӯпарварон саҳиму посухгӯянд. Аммо, дар ҳолатҳои зарурӣ бояд фишангҳои таъсиррасони рушд истифода бурда шаванд.

Барои ҳамин, Вазорати кишоварзии Тоҷикистон метавонад аз рӯи мақоли "обро дида, мӯза каш, ҳаворо дида, ғӯза каш" амал карда,

дар якҷоягӣ бо Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон ва Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур дастурамали тавсиявиеро барои лимӯпарварон таҳия созад, ки он фарогири тавсияҳо дар мавриди роҳҳои судманду камхароҷоти парвариши маҳсулот ва хусусан "табобат"-и дарахтҳои сардзада бошад.

Фазлиддин АСОЗОДА

▸▸ *Мавқеъ*



Нурулло ҲАСАНОВ, рӯзноманигор

ДАР ТАЛОШИ МОЛ

1. ПИСАР ПАДАРРО АЗ ХОНА ПЕШ КАРД


Чилу ду сари сол Ғаюр заҳмат кашид. Дар даҳ соли охири кориаш сардори идораи кишоварзии ноҳияашон буд. Роҳбарии ӯ ба давраи ғайридавлатикунонии моликият рост омад. Бо имзою пешниҳодҳои ӯ корхонаю тачҳизот, техникаҳои миллион-миллион доллар арзиш дошта бо саду дусад-долларӣ ба чанголи қаллобон афтод. Аз систернаҳои 10-20-50-тоннагии пур аз май, фермаҳои механикию комплексӣ осоре намонд. Дар 1 гектар замин ҳавлии дакаданг сохт. Ду духтару се писарро хонадор ва соҳиби мошинҳои қиммат намуд. Рӯзе Азроил ҷони зани Ғаюрро даррабуд ва пас аз сари солаш пири калтаи танҳо духтари 30-солаи шавҳарнодидаи бахтбастаро ба ҳамсарӣ хосту қабул кард. Ин амали падар ба писарон хуш наомад ва сенафара ӯро аз дарвозаи қимматбаҳои ҳавлӣ берун намуданд. Лек Ғаюр дар бонк барои рӯзи мабодо 200 ҳазор сомонӣ пасандоз дошт. Рафт, бо он пул хонаю ҳавлӣ харид, арӯсашро онҷо бурд. Аммо аз зиндагӣ маҳзуну малол аст, ки чаро чунин фарзандонро бо пули дуздӣ эркаю нофармон кардааст?

Шумо чӣ ақида доред?

2. МАРГИ МУШ БА ШАВҲАР

Ба ҳамин монанд як шахси дигар бо номи Зуҳур 50 сол оҳангарӣ намуда, чор писару ду духтарро ба воя расониду соҳиби хонаю дари худ шуданд. Ҳамсари усто Зуҳур аз бемории саратон фавтид. Ӯ аз сари нав хонадор шуд, ки зан ду кӯдакашро ҳам бо хеш оварда буд. Рӯзе усто аз замини обчакориаш мондаю шалпар ба хона даромад. Зан ба пиёлаи пури чойи лаби дастурхон ишора карда, гуфт, ки инро барои ту рехтам, ташнагиатро шикан. Ду қулт нахӯрда буд, ки аз пиёла бӯи баде ба машомаш расид. Дар як лаҳза шикамаш ба дард даромад. Зуд рафт, беморхона. Ташхис нишон дод, ки доруи марги муш хӯрдааст. Баъди табобати фаврӣ омад хона ва занро сар дод барои ин амали норавояш, ки мехост бо фавти усто осон соҳиби ҳавлӣ гардад.

Шумо ба ин чӣ мегӯед?



АБДУСАТТОР ИСОЕВ: БА ҚАДРИ МУҲОҶИРОН БОЯД РАСИД!

Абдусаттор Исоев беш аз 20 сол аст, ки дар дафтари Созмони байналмилалии муҳоҷирати СММ кор мекунад. Ибтидо дар Тоҷикистон, баъдан дар Афғонистон, Судони Ҷанубӣ ва ахиран дар Русия сарварии дафтари ин созмонро бар уҳда дошт. Ҳоло намояндаи Созмони байналмилалии муҳоҷират дар кишвари Бангладеш аст. Абдусаттор Исоев ҳафтаи равон меҳмони ҳафтаномаи «Тоҷикистон» буд ва ба чанд суоли мо посух гуфт.

- Шумо аз кишвари қабулкунандаи муҳоҷирон - Русия ба кишвари интиқолдиҳанда - Бангладеш рафтед. Чӣ тафовут ҳаст миёни ин ду кишвар?

- Давоми бистучанд соле, ки дар Созмони байналмилалии муҳоҷирати СММ фаъолият дорам, бештар дар давлатҳои интиқолдиҳандаи муҳоҷират кор мекардам. Дар таҷрибаи ман фақат Русия кишвари қабулкунанда буд. Ин кишвар дар ҷаҳон аз нигоҳи қабули муҳоҷират дар зинаи 4-ум аст. Бангладеш бошад, 6-умин фиристандаи муҳоҷирон дар ҷаҳон ба ҳисоб меравад. Вале дар ҳар кишваре, ки набошад, мо бо мушкили муҳоҷирон сарукор дорем ва аз рӯйи барномаҳои мушаххас кор мекунем.

- Бангладеш бештар ба кадом давлатҳо муҳоҷир мефиристад?

- Бангладеш 162 миллион аҳолӣ дорад. Наздик ба 13 миллион нафар аҳолии ин кишвар муҳоҷирон ҳастанд. Муҳоҷирони бангладешӣ бештар ба давлатҳои Халиҷ - Арабистони Саудӣ, Аморати Муттаҳидаи Араб, Қатар ва Қувайт ба кор мераванд. Вале мувофиқи оморе, ки Вазорати муҳоҷирати ин кишвар пешниҳод мекунад, қариб дар тамоми дунё шахрвандони Бангладеш ҳастанд.

- Тоҷикистони мо ҳам кишвари интиқолдиҳандаи муҳоҷирон аст. Чӣ таҷрибаҳое дар Бангладеш ҳаст, ки ба фикри шумо Тоҷикистон низ ба онҳо ниёз дорад?

- Бангладеш вазорати махсус барои муҳоҷирон дорад. Ин кишвар муҳоҷиронро қадр мекунад ва ҳамчун рамзи қадршиносӣ ба маблағе, ки онҳо ба кишвар мефиристанд ва дар рушди иқтисод саҳм мегузоранд, ин вазорат таъсис ёфтааст. Вазифаи ин вазорат ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо кишварҳои қабулкунанда ва омода кардани муҳоҷирон ба бозори меҳнати кишварҳои тараққикарда аст. Яъне дар доираи барномаи махсус муҳоҷиронро забон, касб ва ҳуқуқ меомӯзонанд, то ки онҳо дар кишварҳои бегона сарсон нашаванд ва азият набинанд. Дар Тоҷикистони мо Хадамоти муҳоҷират дар дохили Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ аст. Яъне вазорат бо чанд масъалаҳо кор мекунад, аз ҷумла бо муҳоҷират. Дигар ин ки, ин хадамот танҳо барои муҳоҷир фиристодан нест, балки ба муҳоҷирони меомада низ сарукор дорад. Яъне имконияти кор бо муҳоҷирон камтар аст. Ҳол он ки, Тоҷикистон қариб 1 млн муҳоҷир дорад. Фаро гирифтани онҳо ба курсҳои махсус, омӯзонидани забон, ҳуқуқ ва дониши муҳоҷират, илова бар ин, омӯзонидани касб бояд вазифаи ниҳоде бошад, ки ба масъалаи муҳоҷират машғул аст.

- Шахрвандони Тоҷикистон асосан Русияро барои кор интихоб мекунанд. Вале дар ин кишвар дучори мушкилоти зиёд мешаванд. Муҳоҷирони бангладешӣ чӣ мушкилиҳо доранд?

- Аз рӯйи иттилооте, ки мо дорем, мутаассифона, сатҳи дониши бангаладешиҳо дар минтақаи Осиёи Ҷанубӣ, аз дигарон пасттар аст. Махсусан, муҳоҷироне, ки аз деҳаҳо ҳастанд. Бинобар ин, вазорат барои баланд бардоштани сатҳи дониши онҳо кор мекунад. Муҳоҷирони бангладешӣ бештар мувоҷеҳи мушкилоти ҳуқуқӣ ва надонистани забон мешаванд. Шахрвандони Тоҷикистон барои чӣ Русияро интихоб мекунанд? Барои он ки каму беш русиро медонанд. Феълан, Ӯзбекистон бо Кореяи Ҷанубӣ ҳамкориҳои хуб дар соҳаи муҳоҷиратро ба роҳ мондааст. Марказҳое дар ин кишвар бунёд шудаанд, ки муҳоҷиронро омода мекунанд.

- Дар мо ҳам чунин кӯшишҳо ҳаст. Соли гузашта муҳоҷирони тоҷик ба Кореяи Ҷанубӣ ва Британияи Кабир фиристода шуданд. Вале теъдоди хеле кам. Ба андешаи шумо, кадом кишварҳо барои муҳоҷирони тоҷик қулайанд?

- Давлатҳои Халиҷ. Ин кишварҳо, гарчанде аз Осиёи Ҷанубӣ бештар муҳоҷир қабул мекунанд, ба қувваи корӣ эҳтиёҷ доранд. Мо метавонем ин кишварҳоро омӯзем. Ман зиёд ба Аморати Муттаҳидаи Араб меравам, тоҷикон дар ин кишвар назар ба чанд сол пеш бештар шудаанд, вале дар муқоиса ба дигар кишварҳо камтар. Ҳол он ки, дар ин кишвар имконият зиёд аст. Ин кишварест, ки 80 фоизи аҳолиаш муҳоҷирон ҳастанд. Бояд бо ин кишварҳо ҳамкорӣ ба роҳ монд ва тариқи барномаҳои дастҷамъона муҳоҷиронро бурд. Агар муҳоҷир бо шартномаҳои байнидавлатӣ ба дигар кишвар равад, албатта маблағи бисёртар меёбад, шароиташ беҳтар ва ҳуқуқаш бештар ҳимоя мешавад.

- Ҷавонони мо бештар мехоҳанд ба Аврупо ва Амрико роҳ ёбанд...

- Дар ин кишварҳо донистани забон ва доштани ихтисос муҳим аст. Забон барои дохил шудан ба бозори меҳнат калид аст. Ва ҳамчунин, доштани ихтисоси ба бозори меҳнат ҷавобгӯ. Барои мисол Бангладешро мегирем. Як давлати аҷиб аст. Бо вуҷуди он ки мушкили иқтисодӣ дорад, вале ташаккули иқтисодиаш назаррас аст. Ҳоло аз Ҳиндустон ба Бангладеш барои кор меоянд. Онҳое, ки ихтисосҳои замонавӣ доранд, бештар мутахассисони соҳаи IT ҳастанд. Ва ин раванд на танҳо дар Бангладеш мушоҳида мешавад. Феълан аз Амрико ва Аврупо бештар Осиёро барои кор интихоб мекунанд. Зеро мутахассисон дар ин кишварҳо корҳои хуб меёбанд, даромади хуб ба даст меоранд, вале харҷашон ба маротиб камтар аст. Тоҷикистон ҳам бояд барои муҳоҷират имконият фароҳам оварад. Аз ҳама муҳим, муҳоҷиронеро бояд омода кард, ки ба бозори меҳнат ҷавобгӯ бошанд.


Мусоҳиб: О. НОЗИР

▸▸ *Дунё*

УКРАИНА УЗВИ НАТО МЕШАВАД?

11-уми июл нишасти солонаи НАТО дар шаҳри Вилнюс, пойтахти Литва оғоз шуд. Амният дар ҷаҳон, амалиёти низомии Русия дар Украина аз мавзуҳои асосии нишаст хоҳад буд. Узвияти Украина ба НАТО низ меҳвари асосии ин нишаст хоҳад буд.

Президенти Украина Владимир Зеленский ҳафтаи гузашта аз чанд кишвари узви паймон дидан кард ва созишномаҳоеро ба имзо расонд, ки аз дархости Киев барои ҳамроҳ шуданаш ба НАТО пуштибонӣ мекунанд.



Раса Юкнявичене, вазири собиқи дифои Литва ва узви Парлумони Аврупо мегӯяд, ки кишварҳои Аврупои Шарқӣ тарафдорони ашаддии паймон ҳастанд.

Дар муқоиса бо бисёре аз кишварҳои узви НАТО, Амрико ва Олмон ба ин назаранд, ки Украина ҳанӯз аз лиҳози сиёсӣ ва низомӣ барои пайвастан ба паймон омода нест. Дар айни замон аз он нигаронанд, ки узвияти Украина дар созмони низомӣ метавонад дар ниҳоят НАТО-ро дар низои мустақим бо Русия қарор бидиҳад.

Ҷейс Салливан, мушовири амнияти миллии ҳукумати Амрико мегӯяд, ки Украинаро мебояд заминаҳоеро қабл аз узвият дар НАТО фароҳам оварад.

Ин мақомдори амрикоӣ гуфт, ки "нишасти Вилнюс фурсати муҳиме дар роҳи Украина ба самти НАТО аст. Зеро Амрикову шариконаш дар НАТО ва Киев имкон доранд ислоҳоти заруриро баррасӣ кунанд, ки Украина мутобиқ ба меъёрҳои НАТО бишавад".

НАТО гуфтааст, ки омодаи кумак ба Украина дар ислоҳи системаи амниятӣ ва мудофиавии он аст. Назарасанҷиҳо нишон додаанд, ки 80 дарсади украиниҳо тарафдори пайвастани кишварашон ба НАТО ҳастанд.

ҒАЛАБАИ ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ



Шавкат Мирзиёев, ки аз соли 2016 Президенти Ӯзбекистон аст, аз ҷониби Комиссияи марказии интихоботи ин кишвар бори дигар ғолиби интихоботи президентӣ эълон гардид.

Шавкат Мирзиёев 87,5 дарсад ё беш аз 13, 6 млн раъйро соҳиб гардид ва ғолиби интихобот муаррифӣ шуд. Касе аз 3 рақиби ӯ ҳатто 5 дарсад овоз нагирифтанд.

Улуғбек Иноятов аз Ҳизби халқии демократӣ 4,2 дарсад, Робахон Маҳмудова аз Ҳизби сотсиал-демократии “Адолат” 4,43 дарсад, Абдушукур Ҳамзаев аз Ҳизби экологӣ 3,74 дарсад овозро соҳиб шуданд.

Комиссияи марказии интихоботи Ӯзбекистон эълон кард, ки дар интихоботи президентӣ 15,6 млн нафар ё 79,8 дарсади онҳое, ки ҳақи интихоб доштанд, иштирок кардаанд.

Интихоботи пеш аз муҳлати президентӣ дар Ӯзбекистон 9-уми июл баргузор гардид. Ин интихобот баъд аз ислоҳот дар Конститутсияи Ӯзбекистон баргузор мешавад. Тибқи ислоҳоти ҷадид муҳлати президентӣ дар Ӯзбекистон аз 5 ба 7 сол расонида шуд.

Шаҳрдорӣ

ҚАРОРИ НАВИ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ



Аз 1-уми августи соли равон сохторҳои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе барномаи «Пардохти ҳушманд (Smart Pay)»-ро истифода хоҳанд кард. Ҳадаф аз ин гузаштан ба пардохти ғайринақдӣ аст.

Дар ин бора қарори раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ ба тасвиб расидааст.

Бино ба иттилои шаҳрдорӣ, инчунин, иқдоми мазкур ба хотири таъмини пардохти ҳамаи андозҳою боҷҳои давлатӣ, ҷаримаҳо, барои додани иҷозат ва иҷозатномаҳо, маблағи суғуртаи ҳатмии давлатӣ, хизматрасониҳои коммуналӣ ва дигар намудҳои хизматрасонии давлатӣ ҷиҳати амалишавии марҳилаи якуми барномаи Пардохти ҳушманд (Smart Pay) мебошад.



Ярмарка

КОНСЕРТ РОЙГОНУ МАҲСУЛОТ АРЗОН



Дар шаҳри Душанбе рӯзҳои истироҳат намоиш ва фурӯши маҳсулоти арзон аз ҷониби ноҳияҳои кишвар ва пешниҳоди консерти ройгон идома дорад. Ҳамчунин, шаҳру ноҳияҳо ҳунарҳои мардумӣ, таомҳои миллӣ ва дастовардҳои фарҳангии худро ба сокинони пойтахт намоиш медиҳанд.

Ҳафтаи гузашта чунин иқдом дар Боғи фарҳангиву фароғатии ба номи Абулқосим Фирдавсии шаҳри Душанбе аз тарафи кишоварзону ҳунармандони ноҳияи Панҷ, дар Боғи фарҳангӣ-фароғатии ба номи Садриддин Айнӣ заҳмати ноҳияи Спитамен пешниҳоди сокинони пойтахт гардонида шуд.

Дар назар аст, ки 15-уми июл дар чанде аз боғҳои шаҳри Душанбе ярмаркаи маҳсулоти кишоварзӣ доир гардад. Ярмаркаҳо дар кучо баргузор мешаванд?

Кишоварзони шаҳри Панҷакент маҳсулоти худро дар Боғи фарҳангиву фароғатии ба номи Хайём муаррифӣ мекунанд. Дар Боғи фарҳангиву фароғатии кӯдакон сокинони пойтахт метавонанд аз ноҳияи Ашт маҳсулоти кишоварзиро харидорӣ кунанд. Дар Боғи фарҳангиву фароғатии "Куруши Кабир" бошад, ярмаркаи маҳсулоти кишоварзони Норак баргузор мешавад.

НАРХИ МАҲСУЛОТ ДАР ЯРМАРКА:

- **картошка - аз 4 то 4,50 сомонӣ;**
- **пиёз - 1,80 - 2 сомонӣ;**
- **сабзӣ - 3 сомонӣ;**
- **дигар сабзавот - аз 3 то 5 сомонӣ;**
- **гӯшти гов - 55 сомонӣ;**
- **30 дона тухм - 27 сомонӣ;**
- **мева - аз 2 то 5 сомонӣ;**
- **тарбуз (як дона) - 10-12 сомонӣ;**
- **равған (5 литр) - 65 сомонӣ;**
- **орд (50 кг) - 210 сомонӣ.**

Эҳсонкорӣ



ХАЙРИ БУРАК БА РОҲРӮБОНИ ПОЙТАХТ

Бурак Ӯздемир, молики тарабхонаи «CZN Burak» дар шаҳри Душанбе иқдоми хайре анҷом дод.

Ин ошпази машҳури турк дар шаҳри Душанбе бо дастони худ гамбургер ва картошка тайёр карда, ба занону духтарони роҳрӯби пойтахт тақсим кард. Видеои ӯро ҳангоми омода ва тақсим кардани гамбургер дар шабакаҳои иҷтимоӣ миллионҳо нафар дида, офарин хондаанд. Бурак дар шарҳи ин видео навиштааст: «Муҳаббат бузургтарин иртибот аст».

Маориф

БАСТИ 3-ЮМИ ИСТИРОҲАТИ РОЙГОН ОҒОЗ ШУД

Аз 10-уми июли соли равон басти сеюми истироҳати тобистонаи кӯдакон ва наврасони пойтахт оғоз гардид.

Дар ин бора ба Pressa.tj Асомиддин Бобозода, сардори Раёсати муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумии Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе хабар дод. Гуфта мешавад, ки дар истироҳатгоҳҳои беруназшаҳрии «Гулхан»-и ноҳияи Сино, «Орзу»-и ноҳияи Фирдавсӣ, «Зимчуруд»-и ноҳияи Шоҳмансур ва «Шарора»-и ноҳияи Исмоили Сомонӣ 948 нафар, дар 36 майдончаи солимгардонии назди муассисаҳои таълимӣ 1440 нафар ва 100 нафар кӯдакону наврасони аъзои маҳфилҳои Муассисаи давлатии «Маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе» ба истироҳати тобистона фаро гирифта мешаванд.

Дар умум, имсол 10 352 нафар хонандагони пойтахт аз 12-уми июн то 16-уми августи соли 2023 ёздаҳ рӯз ройгон дар истироҳатгоҳҳо фароғат хоҳанд кард.

Фарҳанг

ҲУНАРНАМОИИ ПИАНИНОНАВОЗИ МАШҲУРИ РУС ДАР ДУШАНБЕ





Дар шаҳри Душанбе Рӯзҳои фарҳанги Федератсияи Русия баргузор гардид.

Дар маросими ифтитоҳи он, ки дар Театри давлатии академии опера ва балети Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ доир шуд, муовини Сарвазири мамлакат Матлубахон Сатториён, муовини вазири фарҳанги Федератсияи Русия Надежда Преподобная, намояндагони корпуси дипломатӣ ва аҳли фарҳангу ҳунар иштирок намуданд.

Дар фазои тантанавӣ барномаи ҷолиби ҳунарии пианинонавози машҳур, Ҳунарманди халқии Русия Денис Матсуев манзури аҳли нишаст гардид. Ҳунарманд бо маҳорати баланди эҷодӣ оҳангҳои классикӣ ва ҷазро дар сози пианино пешкаши аҳли фарҳангу ҳунари мамлакат гардонид, ки ҳозирин бо кафкӯбиҳои бардавом баромади ӯро истиқбол гирифтанд.

▸▸ *Таърих*

ГЕНЕРАЛ ИОНОВ

Ӯ дар Бадахшон чӣ меҷуст?



Ионов Михаил Ефремович (12.3.1846, губ. Варшава,- 16.1.1923, Алмаато), иштирокчии юришҳои Хева (1873), Қӯқанд (1875-76), аввалин сардори отряди Помир (1891-96), генерал-майори рус (1894) буд.

Соли 1883 сипоҳиёни афғон бо дастури амир Абдурраҳмонхон минтақаи шарқии Помирро ишғол карданд, ки дар натиҷаи он рақобати русҳо ва англисҳо дар минтақа шиддат ёфт. Мардуми Помир дар муборизаи зидди истилогарон ба намояндагони Генерал-губернатории Туркистон мурочиат карданд.

8.6.1891 бо мақсади таҳқиқи минтақаи Помир дастаи хурди экспедитсионӣ (дар ҳайати 8 афсар) бо сардории Ионов ташкил карда шуд. Ҳадафи даста: хотима додани дахолати чиниҳову афғонҳо дар Помир, ки бо пуштибонии англисҳо амал мекарданд ва фаҳмонидани мардуми маҳаллӣ, ки Помир зери нуфузи Русия қарор дорад.

Ионов 8-уми июл ба Бурдеба (наздикии Мурғоб) расид ва дар муддати 23 рӯз ҳудуди Мурғоб, Аличур, Рангкӯл ва Сассиккӯлро давр зада, ҷанубу шарқи Помирро то қаторкуҳи Ҳиндукуш таҳқиқ кард.

Ӯ ҳангоми бозгашт дар назди гумбази Бозай бо капитани сипоҳиёни англис Юнгус Бенгда вохӯрда, ӯро бо сабаби надоштани рухсатнома нагузошт, ки тавассути Вахон аз Қошғар ба мулкҳои ҳиндустонии Британияи Кабир сафар кунад.

8-уми август Ионов дар соҳили дарёчаи Аличур бо ёвари лейтенанти англис Дэвисон - Ф. Э. Янгҳазбенд (1863-1942) ҳамсуҳбат шуда, ба ӯ дар бораи ишғол шудани Помир аз ҷониби Русия ва сафари ғайриқонунии дастааш ба минтақаи Читрол гузориш дод.

Ионов баъди анҷоми гуфтушунид Янгҳазбендро аз Помир ба Қошғар бадарға кард ва худ ба Марғелон баргашт (30.8.1892).

Ионов солҳои 1899-1907 губернатори ҳарбии Ҳафтрӯд (Семиреченск) буд. Писараш В. М. Ионов дар ҷанги шаҳрвандии Осиёи Миёна ширкат кардааст.

А. РАҲМОНҚУЛОВ

▸▸ *Пешниҳод*

МИЗИ РОЙГОН БАРОИ САНҶИШИ ФИШОР



Аксеро, ки мебинед, яке аз корбарони фаъоли "Ахбор барои афкор" фиристод. Мегӯяд дар шаҳри Алмаатои Қазоқистон - ҷои зиндагии онҳо, дар ҳамаи дорухонаҳо чунин мизи ройгон барои санҷиши фишор мавҷуд аст ва одамон аз ин хидматрасонӣ истифода мекунанд.

Чанд соли ахир, агар таваҷҷуҳ кардаед, фавти якбораи одамон, аз ҷумла дар кӯчаву ҷои кор ҳам зиёд вомехӯрад. Гуфта мешавад, яке аз сабабҳо фишори баланд ва бемории қалб аст. Агар чунин мизҳои ройгони санҷиши фишор дар дорухонаҳо, ки теъдодашон ҳоло аз ҳар чизи дигар зиёд аст, вуҷуд медошт, шояд чанде аз ин ҳолатҳо пешгирӣ мешуд.

Фикр мекунем чунин тартиби кор, хоса дар ин рӯзҳои аз ҳад гарми тобистон зарурати бештар пайдо кардааст. Албатта ҳоло ҳам дорухонаҳо барои санҷиши фишор, дар ҳолати зарурати аз ҳад сахт, шояд асбоби фурӯшии худро медиҳанд. Аммо ташкили мизҳои ройгон нақши дигар хоҳад дошт. Чун ҳоло на ҳама ба худ иҷозат медиҳанд, ки аз дорухонае чунин хоҳиш намоянд. Ё шарм мекунанд, ё фикр мекунанд яке хоҳишашон рад шавад...

Раҷаби МИРЗО

ЧАРО ҒАЛАТ ҲАРФ МЕЗАНЕМ?

Ҳамааш аз он сар шуд, ки аз нутқи омӯзгорамон донистем, ки маънии калимаи «бурдборӣ» - ин бардошт ва ё сабру таҳаммул будааст. Айнан дар луғат калимаи "бурдборӣ" ба маънии сабр, тоқат кардан, таҳаммул омадааст...

Ба ин маънӣ касеро ҳини ҳолати ногуворе "бурдбор бош" мегуфтаанд, яъне босабру тоқат бош. Вале дар мо ин калима аксаран иштибоҳан ба кор бурда мешавад. Ҳини ғолибиятҳову пирӯзиҳо ва ё дар коре мардум "бурдборӣ хоҳонам" мегӯянд. Ҳол он ки, "муваффақият хоҳонам" гӯем, дуруст аст. Дар луғат инчунин калимаи "бурд" ба маънии "бурд кардан" (масалан дар лото), "ғолиб омадан" ҳам омадааст, вале калимаи бурдборӣ дигар аст.



Чизи дигаре, ки боиси нигаронӣ аст, истифодаи нодурусти калимаи "қисмат" дар баъзе ҷумлаҳост. Тариқи ВАО гуфта мешавад, "дар ин қисмати барнома", "дар қисмати охир", "қисмати асосии мавзуъ"... Маънии калимаи "қисмат" тақдир аст. Лек дар луғат ба ду маънӣ омадааст: 1) ҳисса, 2) тақдир.

Масалан, аксар дар баъзе маврид чизеро мегӯянд, ''ба ду қисмат ҷудо кун!''. Дуруст мешуд агар онро дар мавридаш истифода барем!

Паҳлуи дигар, тарҷумаи нодурусти вожаҳо аст. Журналистон филми "Дольгий ночь"-ро дар мо ''Шаби тӯлонӣ ё дароз'' тарҷума кардаанд. Аслан, филм истеҳсоли Эрон аст ва дар шакли порсиаш "Дар имтидоди шаб" ном гирифтааст, ки ҳамин шакл дуруст мебошад...

Пас, месазад, ки забонамонро беҳтар ва бештар омӯзем.

Беҳрӯз САЙФУЛЛОЕВ, донишҷӯ

▸▸ *Ободкорӣ*

НУҚТАҲОИ ВАЗНЧЕНКУНИИ IRS

Онҳо чӣ моҳият доранд?

Сарфи назар аз фаъолияти пурмаҳсули кормандони филиали Ширкат, бинобар аз ҷониби баъзе ронандагони воситаҳои нақлиёти гаронвазн риоя нагардидани талаботи мавҷуда, аз ҷумла қоидаҳои ҳамлу нақли молу маҳсулот вайроншавии баъзе қитъаҳои роҳи Душанбе-Чаноқ ба вуҷуд омада истодааст. Дар ин масир садҳо километр роҳ осеби ҷиддӣ дида, IRS чунин минтақаҳоро ҳамасола таъмири куллӣ ва ҷорӣ менамояд.



Бо мақсади пешгирӣ ва бартараф намудани аз меъёр зиёд бор гирифтани ронандагони воситаҳои нақлиёти гаронвазн филиали Ширкат тадбирандешӣ намудааст. Дар навбати аввал корҳои фаҳмондадиҳӣ ба роҳ монда шуд, зеро бехтарин васила баҳри рафъи мушкилот маҳз ҳамин усул аст. Мутаассифона, бо вуҷуди густурда будани корҳои фаҳмондадиҳӣ, на ҳама ронандагон муҳимияти масъалаи мавриди назарро дарк намуданд.

Дар идома нуқтаҳои вазнченкунӣ, ки бо таҷҳизоти замонавӣ мучаҳҳазанд, фаъол гардиданд. Бартариҳои нуқтаҳои вазнченкунии марбут ба IRS зиёд буда, бо мақсади ба вуҷуд наомадани ҷамъшавии шумораи зиёди воситаҳои нақлиёт, аз ҳар ду ҷониб баркашидани воситаҳои нақлиёт ба роҳ монда шудааст. Чунин тарзи кор шароит фароҳам меорад, ки барои муайян намудани вазн ва андозаи воситаҳои нақлиёт дар нуқтаҳои вазнченкунии нав вақти зиёд сарф нашавад. Илова бар ин, дар нуқтаҳои зикршуда пардохти ғайринақдӣ ва корпоративӣ имконпазир буда, ин омил аз лиҳози моҳият қобили мулоҳиза ва муҳиму саривақтист.

Масъулини филиали Ширкат таъкид менамоянд, ки андешаҳо дар бобати он ки нуқтаҳои мазкур ба хотири ҷамъоварии иловагии маблағ таъсис ёфтаанд, беасос буда, IRS ба ҳеҷ ваҷҳ манфиатдор нест, ки ронандагон аз меъёр зиёд бор гиранд. Зеро харочот дар робита ба таъмири роҳ аз маблағе, ки дар нуқтаҳои вазнченкунӣ ҷамъоварӣ мешаванд, бамаротиб зиёд аст. Моҳиятан таъсиси нуқтаҳои вазнченкунӣ таъсиррасонӣ маҳсуб шуда, ҳадафи роҳбарияти IRS ба ин васила аз байн бурдани қонуншиканӣ - бо бори аз меъёр зиёд ҳаракат намудани воситаҳои нақлиёт аст.

Қобили зикр аст, ки иқдоми мазкур ҷиҳати иҷрои «Қоидаҳои аз роҳҳои автомобилгард гузаштани воситаҳои нақлиёт бо вазн ва андозаҳое, ки аз меъёрҳои муқарраршуда зиёданд» амалӣ шуда, риояи муқаррароти қоидаҳои зикршуда аз ҷониби моликону истифодабардагони воситаҳои нақлиёт, новобаста аз шакли моликият, ҳатмӣ мебошад.

Мусофирону ронандагонро мебояд моҳияти ин иқдомро дуруст дарк ва талаботи ҷоришударо риоя намоянд.

▸▸ *Ба таваҷҷуҳи МИҲД-и ноҳияи Восеъ ва Идораи нигоҳдории роҳҳои минтақаи Кӯлоб*

КӮПРУКИ ВАЛАНГОРИ ЁХСУ

Кӯпруки болои дарёи Ёхсу, дар шоҳроҳи Душанбе-Восеъ-Кӯлоб, ки шаҳри Ҳулбукро ба Кӯлоб мепайвандад, валангор мешавад. Сокинон мегӯянд, ки ҳолати ин кӯпрук рӯз ба рӯз хатарнок шуда истодааст.





Илоҷи воқеа пеш аз вуқуъ гуфтаанд. Кӯпруки мазкур ба таъмири капиталӣ ва ё ба азнавсозӣ ниёз дорад. Аз мақомоти болозикр эҳтиромона хоҳиш мекунем, ки ҷиҳати бартарафсозии ҳолати мазкур дар доираи имкон чораандешӣ намоянд.

М. КАРИМЗОДА, ноҳияи Восеъ

МУРҒОБ АЗ ОФТОБ БАРҚ МЕГИРАД



Мушкили асосии ноҳияи Мурғоб таъминот бо нерӯи барқ аст. Ин ноҳияи куҳистонӣ, ки аз нигоҳи масоҳат калонтарин ноҳияи Тоҷикистон мебошад, дар шарқи Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон ҷойгир аст. Вале қарор аст, ки бо истифода аз нерӯи офтобӣ ин мушкил ҳал шавад.

Солҳои пеш аҳолии ин ноҳияи баландкуҳ аз қувваи барқ шадидан танқисӣ доштанд. Танҳо як нерӯгоҳи хурди барқи обӣ фаъолият дошт, ки танҳо нисфи маркази ноҳияро бо барқ таъмин мекард. Чанд сол қабл Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон зимни сафари корӣ ба ноҳия мушкилоти сокинони минтақаро ба назар гирифта, барои бо нерӯи барқ таъмин намуданашон дастур дод.

Бо ин мақсад, барои азнавсозии нерӯгоҳи барқи обии ноҳия 7,4 миллион доллари амрикӣ ихтисос дода шуд. Моҳи сентябри соли 2018 бошад, ҳангоми сафари хеш ба ноҳияи Мурғоб Сарвари мамлакат тугмаи оғози фаъолияти Нерӯгоҳи барқи обии хурди «Тоҷикистон»-ро бо иқтидори 1500 кВт пахш карданд. Бо ҳамин маркази ноҳия ва ҷамоати деҳоти ба номи Гожо Бердибаев пурра бо нерӯи барқ таъмин гардиданд.

Ҷиҳати беҳтар намудани таъминоти барқ, ҳамчунин, дар ноҳия аз тарафи Ширкати «Помир Энерҷӣ» истгоҳи барқии офтобии нахустин бо иқтидори 200 кВт мавриди бахрабардорӣ қарор дода шуда, сохтмони боз як истгоҳи дигари офтобӣ бо тавоноии 600 кВт шуруъ гардид.

Вазорати энергетика ва захираҳои оби ҷумҳурӣ ва Ширкати «Помир Энерҷӣ» дар деҳаҳои Булункул, Чечекдӣ ва Башгумбез ба маблағи қариб 1 миллион сомонӣ панелҳои офтобӣ насб намуданд. Хатҳои барқии 10 ва 0,4-киловатта пурра таҷдид ва муштариён бо ҳисобкунакҳои замонавӣ таъмин шуданд.

Ҳамин тавр, умед аст, ки дар ояндаи наздик ноҳияи Мурғоб, ки солҳои пеш аҳолияш аз қувваи барқ шадидан танқисӣ дошт, аз ҳисоби нерӯи офтоб бо барқ таъмин мегардад. Ба иттилои “Помир Энерҷӣ” ин нерӯгоҳ маркази ноҳия ва ҷамоати деҳоти ба номи Гожо Бердибаевро пурра бо нерӯи барқ таъмин мекунад.

Д. ҚОДИРПУР

ТЕППАИ ҚӮРҒОН БОЗСОЗӢ МЕШАВАД!?

Давлаталӣ Саид, раиси вилояти Хатлон аз Теппаи Қӯрғон дидан кардааст. Ин ҳам дар ҳолест, ки теппаи мавриди назар садамавӣ буда, ба бозсозӣ ниёз дорад.

Аз ҷониби якчанд институти лоиҳакашӣ, аз ҷумла ҶСК “Шаҳрофари Душанбе” лоиҳаҳои намунавии Теппаи Қӯрғон омода шудааст. Тибқи лоиҳа, дар назар аст, ки дар болои иншооти мавриди назар, ки масоҳаташ 2,5 гектарро ташкил мекунад, Амфитеатр бо як ҳазор ҷойи нишаст, чойхонаи миллӣ ва фаввораҳо сохта шаванд.

Давлаталӣ Саид ба масъулини шаҳри Бохтар дастур додааст, ки ҷиҳати таҳияи лоиҳаи ангоравии Теппаи Қӯрғон бо дарназардошти иншооти қадимаи таърихӣ тадбирҳои фаврӣ андешанд. Ӯ гуфтааст, ки азнавсозии Теппаи Қӯрғон, ки муаррификунандаи на танҳо шаҳри Бохтар, балки минтақаи ҷануби кишвар аст, боиси ҷалби сайёҳони зиёд гардида, ба макони фароғату истироҳати сокинону меҳмонон табдил хоҳад шуд.

Ҳанӯз охири соли 2021 рӯзномаи “Тоҷикистон” аз садамавӣ будани Теппаи Қӯрғон, маъруфтарин иншооти таърихӣ дар шаҳри Бохтар гуфта буд. Бо сабаби фурӯ рафтани он, чанде пеш масъулин осорхонаи таъриху кишваршиносии “Бибихонум”-ро, ки дар баландии ин иншоот ҷойгир аст, садамавӣ гуфта, фаъолияташро қатъ карданд.

Он замон аз шуъбаи меъморӣ ва шаҳрсозии шаҳри Бохтар гуфта буданд, ки барои бозсозии Теппаи Қӯрғон беш аз 50 миллион сомонӣ лозим аст.

Таърихшиносон мегӯянд, ки таърихи Теппаи Қӯрғон аз асрҳои 1-2 оғоз ёфтааст. Он муъҷизаи табиат набуда, дастӣ сохта шудааст. Дар болои он қасри шоҳони Вахшонзамин ва дар асри 19-20 қалъаи Беки Қӯрғонтеппа ҷойгир будааст.

Машраби АЛОВИДДИН

ҚОИДАҲОИ ШИНОВАРӢ ДАР ДАРЁ ВА КӮЛҲО

Тибқи гузориши КҲФ, дар Тоҷикистон дар пайи риоя нашудани қоидаҳои бехатарӣ зимни шиноварӣ беш аз 60 нафар ҷон бохтаанд.

ШИНОВАРӢ МУМКИН НЕСТ

- Дарҳол пас аз истеъмоли ғизо
- Дар кӯлҳои ҳарорataш пасттар аз +15°C
- Дар ҷойҳои ношинос, дар қаъри об метавонад сангҳо, масолеҳи сохтмонӣ бошанд
- Дар обҳое, ки алаф ва об доранд
- Дар ҳолати мастӣ
- Болои камераҳои мошин
- Ҳангоми табларза ва зуком

КҲФ шинавариро танҳо дар ҷойҳои махсус таъиншуда иҷозат медиҳад

ҚОИДАҲОИ ШИНОВАРИИ БЕХАТАР

- На пештар аз 1,5-2 соат баъди ғизо
- Дур нашудан аз соҳил
- Кӯдаконро беназорат нагузоштан
- Ягон касро ба об тела надодан
- Бардурӯғ бонги хатар назадан
- Дарҳол пас аз офтобхӯрӣ ба об надароед
- Бо заврақе, ки барои шино омода нест, ба об ворид нашавед

ЧӢ ГУНА БОЯД АЗ ГИРДОБ ХАЛОС ШУД?

- Бо ҷараён равед ва талош кунед, то ба соҳил наздик шавед
- Ба муқобили ҷараён шино накунед
- Бештар нафас кашед ва худро дохили об андохта, кӯшиш кунед якбора аз гирдоб дур шавед
- Наҳаросед

Манбаъ: КҲФ Тоҷикистон

SPUTNIK

Дар ноҳияи Ҷайҳун кишоварзон заминро самаранок истифода бурда, дар таъмини маҳсулоти кишоварзӣ дар кишвар нақши созгор доранд. Кишоварзони ин ноҳия бо истеҳсоли маҳсулоти хушсифати полезӣ ва таъмини мардум бо меваҳои ситрусӣ машҳур гардидаанд. Албатта, ин аз заҳмати зиёд ва истифодаи дурусту самараноки замин вобаста аст.



ИСТИФОДАИ ДУРУСТУ САМАРАНОКИ ЗАМИН ДАР НОҲИЯИ ҶАЙҲУН



Саидҷаъфар Шарифзода, раиси Кумитаи идораи замин дар ноҳияи Ҷайҳун

Саидҷаъфар Шарифзода, раиси Кумитаи идораи замин дар ноҳияи Ҷайҳун дар суҳбат бо Pressa.tj гуфт, ки майдони умумии замин 96 ҳазору 715 гектар аст. Ӯ мегӯяд, ки аз ин 18 ҳазору 880 гектар корам ва 18 ҳазору 539 гектар корами обӣ мебошад. Назорат барои кишти саривақтии зироат ва истифодаи самаранок аз замин дар сатҳи баланд аст.

“Ба воридсозии заминҳои бекорхобида ва гардиши кишоварзӣ таваҷҷуҳ хеле зиёд аст. Бо дастгирӣ ва мусоидати Абдулҳафиз Одиназода, раиси ноҳияи Ҷайҳун, мо соли 2022-юм 73 гектар замини партов ва чарогоҳро ба гардиши кишоварзӣ ворид кардем. Имсол бошад, то охири сол каму беш 100 гектар замин ба гардиш ворид хоҳад шуд. Бештар кардани заминҳои корам зери таваҷҷуҳи ҳамешагии Кумитаи давлатии замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбарияти мақомоти маҳаллии ноҳияи Ҷайҳун аст. Бо зиёд будани майдони кишт ва самаранок истифода кардани замину фаровонҳосилӣ расидан ба яке аз ҳадафҳои асосии кишвар - таъмини амнияти озуқаворӣ осон мешавад”,- афзуд вай.

Саидҷаъфар Шарифзода мегӯяд, ки чанде пеш бо дастгирии мақомоти маҳаллӣ ва ибтикори соҳибкори ватанӣ дар ноҳияи Ҷайҳун 500 гектар замин ба гардиши кишоварзӣ ворид карда шуд. Соҳибкор барои обёрии 500 гектар замин бо харҷи 12 миллион сомонӣ пойгоҳи обкашӣ бунёд кардааст.

“Хати оби полезӣ аз шохоби дарёи Панҷ ба масофаи 3 ҳазору 500 метр тариқи кандани канал оварда шуд. Об дар обанбори 40х40 ҷамъоварӣ ва баъдан бо истифода аз 1 пойгоҳу 2 дастгоҳи обкашӣ бо истифодаи қубурҳои қутраш 530 мм барои обёрии зиёда аз 2 ҳазор гектар замин истифода мешавад. Мақсади асосии баистифодадиҳии хати оби полезӣ - ин ба гардиши кишоварзӣ ворид сохтани замин аст. Феълан бо хати оби мавриди назар 500 гектар замин обёрӣ мешавад. Дар маросими ба кор оғоз кардани ин пойгоҳи обкашӣ Давлаталӣ Саид, раиси вилояти Хатлон иштирок кард”,- афзуд Саидҷаъфар Шарифзода.

Ба таъкиди вай, дар шаш моҳи солӣ равон дар ноҳияи Ҷайҳун 112 ҳолати қонуншиканӣ дар самти замин ошкор карда шудааст. Қонуншиканӣ дар майдони наздик ба 28 гектар содир гардидааст, ки он қариб пурра бартараф карда шудааст.

- Бо ошкор шудани қонуншиканӣ дар самти замин, дар 5 ҳолат ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия, дар 9 ҳолат барои додани баҳои ҳуқуқӣ ба прокуратура мавод пешниҳод шудааст. Барои боқимонда қонуншиканиҳои вобаста ба замин нисбати сонкин ҷарима таъин гардидааст. Онҳое, ки даст ба қонуншиканӣ задаанд, беш аз 64 ҳазор сомонӣ ҷарима карда шуданд. Бо вуҷуди ин беш аз 90 дарсади қонуншиканӣ вобаста ба замин бартараф карда шудааст.

Феълан дар ноҳияи Ҷайҳун кишоварзон заминро самараноку оқилона истифода бурда, аз ҳар зироати кишткарда ҳосили дилхоҳ ба даст меоранд. Кишоварзони ноҳияи мавриди назар бо заҳмати хеш сокинони кишварро бо маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза ва босифат таъмин мекунанд. Қариб дар ҳамаи бозорҳои мамлакат лимӯ, пиёз, картошка ва маҳсулоти полезии деҳқонони асили ин минтақа ба фурӯш гузошта шудааст, ки таъм ва сифати хуб доранд. Афзоиш ёфтани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва бо ҷойи кор таъмин будани сокинони ноҳияи Ҷайҳун албатта, аз дуруст муносибат кардан бо замин ва самаранок истифода бурдани он вобаста аст.

Машраби АЛОВИДДИН





Ҳаким Ашӯров:

МУШКИЛОТИ КМ «ЗАРАФШОН» АЗ БАЙН РАФТ



Корхонаи металлургии мисгудозӣ дар шаҳри Панҷакент расман ба фаъолият оғоз кард. Дар кушодашави ин корхона, ки тобеи ҶДММ Корхонаи муштараки “Зарафшон” аст, ҳафтаи гузашта Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ва дигар шахсони расмӣ иштирок доштанд.



Ҳаким Ашӯров, муовини директори генералии ҶДММ Корхонаи муштараки “Зарафшон” ва ҳамзамон намояндаи расмии Ҳукумати Тоҷикистон оид ба аҳамият ва иқтидори ин корхонаи нави саноатӣ суҳбате анҷом додем.

- Ҳамагӣ чанд рӯз пеш корхонаи металлургии мисгудозӣ ба истифода дода шудааст. Бигӯед, аҳамияти ин корхона дар чист ва чӣ нақше дар рушди саноат гузошта метавонад?

- Ин корхона 5-уми июл дар идомаи сафари кории Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мавриди истифода қарор гирифт. Корхонаи металлургии мисгудозӣ дар масоҳати хеле калон бунёд шудааст. Он аз пойгоҳи кислороди адсербтсионӣ, коргоҳи обтозакунию коркарди дубораи партов, полоишгоҳ иборат буда, дорои дастгоҳҳои пуриқтидори истеҳсолӣ аст. Корхонаи мазкур дар доираи амалишавии нақшаҳо дар роҳи расидан ба ҳадафи чоруми стратегӣ - “Саноатикунонии босуръати кишвар” бунёд гардида, дар он 300 нафар соҳиби чои кори доимӣ гардиданд. Дар коргоҳи мазкур истеҳсоли миси стандарти катодӣ ба роҳ монда шуд.

- Иқтидори корхона чӣ қадар аст?

- Корхона иқтидори коркарди 165 ҳазор тонна консентрати дорои мис ва тиллоро дар як сол дорад. Маҳсулоти ниҳоии аълосифатро аз он истеҳсол менамояд. Аз ин миқдор консентрати коркардшуда дар навбати аввал 4,5 ҳазор тонна миси катодӣ, ҳамчунин ба миқдори муайян тилло ва нуқра истеҳсол карда мешавад. Бояд гуфт, ки то ин муддат хокаи консентрати дорои мис ҳамчун ашёи хом ба дигар давлатҳо барои коркарду истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ содирот карда мешуд. Акнун ин вобастагӣ аз байн рафт. Дар оянда миси катодии истеҳсолгардида чун маҳсулоти ивазкунандаи воридот ва ба содирот нигаронидашуда пешниҳоди харидорон карда мешавад.

- Умуман, бартарии ин корхона дар чӣ аст?

- *Якум, корхонаи мисгудозии ширкати муштараки “Зарафшон” бо муосиртарин технологияи ҷаҳонӣ бунёд ёфтааст.*

Дуюм, хатҳои истеҳсолии он дар минтақа назир надоранд.

Сеюм, тибқи баҳогузории байналмилалӣ ба талаботи “Иқтисоди сабз” мутобиқ мебошад.

Чорум, дар як коргоҳ якбора мис ва тилло ҷудо карда мешавад.

- Магар қаблан чунин таҷрибаву имконият вуҷуд надошт?

- Ин таҷриба дар бахши металлургияи ҷаҳонӣ аввалин бор амалӣ гардид. Инчунин, ин аз лиҳози экологӣ ҳам бартариятҳои зиёд дорад. Ҳангоми коркард хокаи дорои мис, тилло ва нуқра дар ҳарорати то ба 220 дараҷа гармӣ тариқи автоклавӣ бо оксигени фишурда тафсонида мешавад. Ба ин восита моддаҳои ба муҳити зист зиёновар, аз ҷумла МИШ-1 (марги муш) ва сера ба таври табиӣ пурра безарар мегардад. Нахустин маротиба ин технология дар Тоҷикистон мавриди истифода қарор гирифт.

- Пас, бехатарии аҳолии атрофи корхона низ таъмин гардид?

- Бале. Дар назди корхона бахши алоҳидаи рейтсиклингии партовҳои сианитдор ва ё коркарди такрорӣ бунёд гардидааст. Яъне, пасмонда ва ё партови ашёи хоми коркардшуда аз сари нав барои истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ истифода мешавад. Ин имконият медиҳад, ки ашёи хом пурра коркард шавад.

Бояд гуфт, ки партовҳои сианитдор дар гузашта муддати тӯлонӣ ҳамчун партовҳои зараровар дар назди корхона бокӣ мемонданд. Ифтитоҳи коргоҳи нав ин мушкилотро аз байн бурд.

- Маҳсулоти хомро ба корхона аз кучо дастрас менамоед?

- Барои истеҳсоли миси стандарти катодӣ консентрати кони “Таррор” истифода бурда мешавад. Барои фаъолияти босамари ин коргоҳ кони мазкур захираи зарурии ашёи хомро доро мебошад. Ҳамчунин, дар оянда ашёи хом барои коркард аз дигар конҳои ҳудуди ҷумҳуриву хориҷи кишвар низ ворид карда мешавад.

- Оё фаъолияти шашмоҳаи Корхонаи муштараки “Зарафшон” ҷамъбаст шуд? Дастоварди чист?

- Бале. Дар 6 моҳи соли ҷорӣ Корхонаи муштараки “Зарафшон” зиёда аз 2,2 миллиард сомонӣ маҳсулот истеҳсол кардааст. Дар ин давра ҳамчунин истеҳсоли хокаи бойгардонидашуда 23,1 ҳазор тоннаро ташкил дод. Ин нишондод дар ҳамин давраи соли гузашта ба 18,4 ҳазор тонна баробар буд.

Мусоҳиб:
Усмон РАҲИМЗОДА



Меъмори Урметан

(Ба муносибати ташрифи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба деҳаи зебоманзари Урметани ноҳияи Айнӣ)

Биёву бин чу Пешво қомати гулбори Урметан,
Ба дунё муждабар шуд лолаи рухсори Урметан.

Кафи хоки барӯмандаш ҷилои тозае дорад,
Дар он ҳар қатраи обаш ниҳон асрори Урметан.

Ба лутфу бо навозишҳо дару даргоҳи он боз аст,
Гулу гулдастабандиҳо шуда девори Урметан.

Қадамгоҳи бузургон будааст ин деҳа аз оғоз,
Паямбарзодагонаш минбари афкори Урметан.

Дар он симоби хуни зодагонаш меҳри беҳамто,
Равона будааст бо ҷавҳареву ори Урметан.

Диёри Қутбию Дорою Мирзо, Озарахши мост,
Ба эъҷози сухан фар додааст ашъори Урметан.

Магӯедам, ки он як деҳа аст, не, шаҳри шуҳратдор,
Шуда созандамаъво, ою бин осори Урметан.

Шамиму шабнамаш субҳонабар аз атри кӯҳистон,
Ба ҳосил омада он киштаю шудгори Урметан.

Макону маснаде бар худшиносҳою фарзандон,
Сари болои миллат гаштааст иқрори Урметан.

Ба дашти Рахшину Айн, бораю бурҷи Сиёвардан,
Ба нозу ҷилва омад он ҳама синҳори Урметан.

Ғурури Истаманду чашмаи Пардӯши нотакрор,
Туро даъват кунад бар дидани дидори Урметан.

Ҳаловат мебарад ҷон аз насими гулбадомонаш,
Ба лаҳни хосаи худ месарояд сори Урметан.

Ба сулҳу ваҳдати сартосарии тоҷикон аҳсан,
Ки Пешвои киборашро намуд меъмори Урметан.

Ба истиқболи Пешво каф зада ҳар барги сабзи он,
Бадал гардид ба гул хор, ҳаббазо шуд ёри Урметан.

Қалам дар дасти ман чархофалакҳо мезанад алҳақ,
Бидида базми хушрӯзию нуру нори Урметан.

Бағал бикшодаю гуфтам ба васфи он ғазалҳое,
Навозишномаҳоям будааст саршори Урметан.

Бобоҷони НУРЗОД

ҶОМИ ҶАҲОН-2026

БА ЗУДӢ ҲАРИФОНИ ДАСТАИ МУНТАХАБИ ТОҶИКИСТОН МАЪЛУМ МЕШАВАНД

27-уми июл дар қароргоҳи Конфедератсияи футболи Осиё дар Куала-Лумпур маросими қуръакашии марҳилаи интихобии Ҷоми ҷаҳон-2026 баргузор мешавад. Дастаи мунтахаби Тоҷикистон дар марҳилаи интихобии Ҷоми ҷаҳон-2026 аз даври дуюм муборизаро шуруъ мекунад.



Дастаи мунтахаби Тоҷикистон, ки феълан дар раддабандии Созмони ҷаҳонии футбол (FIFA) миёни 46 кишвари Конфедератсияи футболи Осиё дар ҷойи 20-ум қарор дорад, аз даври дуюми марҳилаи интихобии Ҷоми ҷаҳон-2026 муборизаро оғоз мекунад.

Чун нахустин бор дар Ҷоми ҷаҳон 48 даста ширкат хоҳанд кард, Конфедератсияи футболи Осиё ба формати интихобӣ баъзе тағйирот ворид кард - барои дастаҳои қитъаи Осиё ҳаштуним роҳхат ба марҳилаи нихоии Ҷоми ҷаҳон-2026 пешниҳод мешавад. Ин маънои онро дорад, ки аз миёни 45 даста 18 тим бо имтиёзи пасттарин - тибқи рейтинги навбатии FIFA, ки 20-уми июл нашр мешавад ва вобаста ба шумораи дархостҳои ба FIFA пешниҳодшуда - дар даври аввал рақобатро шуруъ мекунанд.

Дар даври аввал 18 даста нуҳ ҷуфтро ташкил медиҳанд, ки ҳар кадоми онҳо 12 ва 17-уми октябри соли 2023 дар хона ва дар меҳмонӣ бозӣ мекунанд.

Нуҳ дастаи ғолиби даври аввал ба даври дуюм роҳ меёбанд, 27 дастаи боқӣ бо онҳо ҳамроҳ мешаванд. Дар марҳилаи дуюми интихобӣ 36 даста ба нуҳ гурӯҳ тақсим мешаванд ва аз моҳи ноябри соли 2023 то июни соли 2024 шаш бозӣ анҷом медиҳанд.

Дар поёни даври дуюм ғолибони нуҳ гурӯҳ ва дастаҳое, ки ҷойҳои дуюмро мегиранд, муборизаро дар даври сеюми интихобии Ҷоми ҷаҳон-2026 идома дода, ҳамзамон соҳиби роҳхат ба қисмати ниҳоии Ҷоми Осиё-2027 мешаванд.

Қуръакашии даври сеюми Ҷоми ҷаҳон-2026 соли 2024 баргузор мегардад. Аз рӯи натиҷаи он 18 даста ба се гурӯҳ тақсим мешавад. Пас аз натиҷагирии даври сеюм ду тими беҳтарин аз ҳар гурӯҳ соҳиби роҳхат ба қисми ниҳоии Ҷоми ҷаҳон-2026 мегардад. Боз ду дастаи дигари ширкаткунанда аз Осиё дар даври чоруми интихобии Ҷоми ҷаҳон-2026 муайян карда мешаванд ва як роҳхати дигари эҳтимолӣ тавассути плей-оффи байниқитъавӣ дастрас хоҳад шуд.

18 дастае, ки дар даври дуюми марҳилаи интихобии Ҷоми ҷаҳон-2026 ҷойҳои сеюм ва ҷаҳорумро мегиранд, мустақиман ба даври сеюм ва ниҳоии интихобии Ҷоми Осиё-2027 роҳ меёбанд.

ҶУДО

ШИРКАТИ ПАҲЛАВОНОНИ ТОҶИКИСТОН ДАР HUNGARY MASTERS-2023

Аз 4 то 6-уми август дар доираи Сайри ҷаҳонии ҷудои Федератсияи байналмилалии ҷудо дар шаҳри Будапешт (Маҷористон) мусобиқаи Hungary Masters-2023 баргузор мешавад, ки дар он шаш варзишгар аз Тоҷикистон ширкат мекунанд.



Тибқи низомнома, дар мусобиқа варзишгароне, ки дар раддабандии ҷаҳонии ҷудо дар 38-гонаи аввал мавқеъ гирифтаанд, иштирок мекунанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ин мусобиқа дар байни мардҳо Эмомалии Нуралӣ (дар вазни -60 кг), Обид Ҷебов (дар вазни -66 кг), Беҳрӯз Хоҷазода (дар вазни -73 кг), Сомон Маҳмадбеков (дар вазни -81 кг), Комроншоҳ Устопириён (дар вазни -90 кг) ва Темур Раҳимов (дар вазни +100 кг) намояндагӣ хоҳанд кард.

Фонди умумии ҷоизаҳо 196 ҳазор евроро ташкил медиҳад. Ғолибон дар ҳамаи 14 вазн 6000 евро, барандагони медали нуқра 4000 евро ва медали биринҷӣ 2000 евро ҷоиза мегиранд.

Ҳамчунин варзишгарон барои беҳтар кардани мавқеашон дар радабандии олимпӣ ва ҷаҳонӣ соҳиби имтиёз мешаванд. Аз ҷумла, ғолибон 1800 хол, ҷоизадорони ҷойи дуюм 1260 ва ҷойи сеюм 900 хол мегиранд.

ОСИЁ

ҚУРЪАКАШӢ «ИСТИҚЛОЛ»-РО БО ДАСТАҲОИ ҲАРИФ ОШНО МЕКУНАД

Конфедератсияи футболи Осиё ҳайати сабадҳои қуръакашии марҳилаи гурӯҳии Лигаи қаҳрамонҳои Осиё-2023/24 дар минтақаҳои Ғарбу Шарқро эълон кард. Қуръакашии марҳилаи гурӯҳии мусобиқаи бузургтарини бошгоҳҳои Осиё 24-уми август дар Куала-Лумпур баргузор мешавад.



Аз рӯи натиҷаи қуръакашӣ даҳ гурӯҳ иборат аз чордастаӣ ташкил карда мешаванд. Марҳилаи гурӯҳии Лигаи қаҳрамонҳои КФО аз шаш давр иборат буда, 18-уми сентябр оғоз шуда, 13-уми декабр ба анҷом мерасад. Ҳама дастаҳо дар майдони худ ва дар меҳмонӣ рақобат хоҳанд кард.

Қаҳрамони Тоҷикистон - «Истиқлол»-и Душанбе пеш аз қуръакашии мавсими нави Лигаи қаҳрамонҳои КФО дар қатори бошгоҳҳои «Ал-Файсалӣ» (Урдун), «Аҳал» (Туркманистон), «Мумбай Сити» (Ҳиндустон) ва чемпиони Ироқ, ки баъдтар муайян мегардад, шомили сабади сеюм гардид. Ин маънои онро дорад, ки қаҳрамони Тоҷикистон дар марҳилаи гурӯҳии мусобиқот бо ин дастаҳо бозӣ намекунад.

Аз рӯи ҷамъбасти марҳилаи гурӯҳӣ ғолибони панҷ гурӯҳ аз ҳар минтақа, инчунин се дастае, ки дар чаҳоргонаи худ бо натиҷаи беҳтарин ҷойи дуюмро ишғол мекунанд, ба даври ҳаштякниҳоӣ роҳ меёбанд.

Сабадҳои қуръакашии марҳилаи гурӯҳии Лигаи қаҳрамонҳои Осиё-2023/24:

Минтақаи Ғарб:

Сабади 1: «Ал-Иттиҳод» (Арабистони Саудӣ), «Персеполис» (Эрон), «Ал-Садд» (Қатар), «Пахтакор» (Ӯзбекистон), «Ал-Ҳилол» (Арабистони Саудӣ).

Сабади 2: «Сипоҳон» (Эрон), «Ал-Духайл» (Қатар), «Насаф» (Ӯзбекистон), «Ал-Файҳа» (Арабистони Саудӣ), «Нассоҷи Мозандарон» (Эрон).

Сабади 3: «Ал-Файсалӣ» (Урдун), «Истиқлол» (Тоҷикистон), қаҳрамони Ироқ, «Аҳал» (Туркманистон), «Мумбай Сити» (Ҳиндустон).

Сабади 4: «Ал-Айн» (АМА), ғолиби ҷуфти «Ал-Наср» (Арабистони Саудӣ) - «Шабоб Ал-Аҳлӣ» (АМА), «Ал-Ваҳдат» (Урдун), ғолиби ҷуфти «Трактор» (Эрон) - «Шарҷа» (АМА)/«Башундара Кингс» (Бангладеш), ғолиби ҷуфти «Ал-Арабӣ» (Қатар) - АГМК (Ӯзбекистон)/«Ал-Сиб» (Уммон), ғолиби ҷуфти «Ал-Вакра» (Қатар) - «Навбаҳор» (Ӯзбекистон).

РЕЗААХБОР

Дар Чемпионати футболи Тоҷикистон-2023 ҳафтаи гузашта равзанаи гузариши тобистона боз шуд, ки то 28-уми июл идома мекунад. Дар ин давра дастаҳои Лигаи олӣ метавонанд бозингарони навро ба ҳайати худ ҷалб кунанд. Давраи сабти ном барои дастаҳои Лигаи якуми футболи Тоҷикистон низ то 28-уми июл идома мекунад.

***

Футзолбозони Тоҷикистон дар рейтинги нави ҷаҳонӣ дар зинаи 57-ум қарор гирифтанд. Ин маънои онро дорад, ки даста 7 зина поён рафтааст ва айни ҳол 950 имтиёз дорад. Дастаи мунтахаби футзолбозони Тоҷикистон дар байни дастаҳои осиёӣ дар зинаи 11-ум аст. Эрон, Ҷопон, Ӯзбекистон, Тайланд ва Австралия панҷ дастаи беҳтарини осиёӣ дар ин рейтинг ҳастанд.

***

Хардифурӯшӣ футболӣ: Форварди туркмани КМВА (Душанбе) Сулаймон Муҳадов дастаро тарк кард. Муҳаммадҷон Раҳимови тоҷик аз дастаи «Насаф»-и Қаршӣ ба дастаи «Бухоро»-и Бухоро гузашт. «Истиқлол»-и Душанбе бо Идрис Амин аз Ғано шартномаашро бекор кард. Раҳматулло Фузайлов сармураббии «Регар-ТадАЗ» таъйин шуд.

***

Баҳодур Усмонов, муштзани тоҷик, аз шаҳрдори Душанбе Рустами Эмомалӣ як мошини JAC Motors-ро туҳфа гирифт. Ӯ ин туҳфаро барои медали биринҷӣ дар чемпионати ҷаҳонии бокс дарёфт кард. Ба ҷуз аз ин, Усмонов аз Федератсияи бокси ҷумҳурӣ 70 ҳазор сомонӣ низ мукофот гирифтааст. Усмонов медали биринҷии Ҷоми ҷаҳониро барои худ дастоварди бузург номидааст.



ФИРЕБИ ҲОҶИЁН

ВКД хабар медиҳад, ки ду нафарро барои фиреб додани даҳҳо нафаре, ки нияти Ҳаҷро доштанд, дастгир кардааст.

Вазорат хабар дод, ки ду сокини ноҳияи Шаҳринав 60 нафарро бо ваъдаи фиристодан ба Маккаву Мадина фиреб дода, аз ҳар кадоме панҷунимҳазордолларӣ гирифта, вале ба ваъдаашон вафо накардаанд. Аз боздоштшудаҳо Неъматулло Солиев ва Исломиддин Ализода ном бурда шуд. Нафари сеюм дар ҷустуҷӯ будааст.

ЗАНИ РАШТӢ ДАР ДУШАНБЕ ЛАТУКӮБ ШУД

ВКД хабар медиҳад, ки зимни баргузор намудани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ аз ҷониби кормандони милитсия марди 33-солаи сокини шаҳри Душанбе бо гумони содир намудани ҷинояти ғоратгарӣ дастгир карда шудааст.

Номбурда 7-уми июни соли 2023, тахминан соати 03:30 дақиқа, ҳангоми дар кӯчаи С. Айнии пойтахт қарор доштанаш, бе ягон асос ҷавонзани 23-солаи сокини ноҳияи Раштро латукӯб намуда, аз ҷайбаш 840 сомонӣ ва 1 адад телефони мобилии тамғаи «Хуавей»-ро тасарруф намуда, аз ҷойи ҳодиса ғайб задааст. Зарари расонидашуда 2 340 сомониро ташкил медиҳад.

БОЗДОШТИ 2 МЛН ҚОЧОҚ

Маркази матбуоти Прокуратураи генералии Тоҷикистон рӯзи 10-уми июли соли 2023 аз ифтитоҳи парвандаи ҷиноятӣ нисбат ба Маниёзов К. Ҷ. бо иттиҳоми қочоқи молу маҳсулот ба маблағи беш аз 2 миллион сомонӣ, ё ҳудуди 200 ҳазор доллар хабар дод.

Ба иттилои манбаъ, санаи 26-уми апрели соли 2023 зимни санҷиши аризаи шаҳрванд Сангов Р. М. дар корхонаи истеҳсолии “Яҳдон”, воқеъ дар кӯчаи Ҷаббор Расулови ноҳияи Синои шаҳри Душанбе муайян шудааст, ки шаҳрванд Маниёзов К. Ҷ. дар ҳудуди ин корхона ду анборро ба иҷора гирифта, дар онҳо 1330 адад таҷҳизоти барқии хӯрокпазии тамғаи “Злато”, 600 адад таҷҳизоти барқии хӯрокпазии хурд, 4000 адад таҷҳизоти барқии гармидиҳӣ (радиатор)-и тамғаи “Bosh” ва “Samsung”, 2800 адад зарфҳои сафолӣ барои чойнӯшӣ (бокал)-ро ғайриқонунӣ, бе ҳуҷҷатҳои воридотии гумрукӣ нигоҳ доштааст.

«ДАВЛАТИ ИСЛОМӢ» ДАР АВРУПО

Чаро бештар тоҷикон боздошт мешаванд?

Тайи як ҳафтаи охир дар Олмон ва Ҳолланд 10 зодаи Осиёи Марказиро бо иттиҳоми терроризм боздошт карданд, ки 6 нафари онҳо аз Тоҷикистон ҳастанд…



“Давлати исломӣ” дар Олмон

Мақомоти Олмон ҳафт зодаи Осиёи Марказиро бо иттиҳоми ҳамкорӣ бо гурӯҳҳои террористӣ боздошт кардаанд, ки панҷ нафари онҳо аз Тоҷикистон мебошанд. Дар ин бора Додситонии Олмон хабар медиҳад.

Манбаъ хабар медиҳад, ки нафарони боздоштшуда ба таъсиси гурӯҳи террористӣ ва дастгирии гурӯҳи тундрави "Давлати исломӣ" муттаҳам мешаванд.

“Ҳафт мард дар иёлати ғарбии Райн-Вестфалени шимолӣ боздошт шудаанд. 5 нафари боздоштшудагон аз Тоҷикистон, як нафар аз Туркманистон ва як нафари дигар аз Қирғизистон мебошанд”,- гуфтааст Додситонии Олмон.

Додситонии Олмон аз боздоштшудаҳо Муҳаммадшуҷоъ А., Нуриддин К., Шамшод Н., Саид С. ва Раббонӣ З. ном бурда, навишт, ки онҳо ба эҳтимоли зиёд аз Украина вориди ин кишвар шудаанд.

“Ба гуфтаи додситонҳо, ҳадафи гумонбарон анҷом додани "ҳамлаҳои пурсарусадои террористӣ дар Олмон” буд ва онҳо аллакай ҳадафҳоро муайян карда, дар талош буданд, ки силоҳ ба даст оранд. Шаш нафари онҳо аз моҳи апрели соли 2022 барои гурӯҳи “Давлати исломӣ” маблағ ҷамъ карда, чанд маротиба ба гурӯҳҳои террористӣ маблағ фиристодаанд”,- гуфтааст Додситонии Олмон.

Гумонбарон дар Олмон

Ҳамчунин, Додситонии Ҳолланд низ аз боздошти ду нафар бо иттиҳоми терроризм хабар дод. Онҳо марди 29-сола аз Тоҷикистон ва ҳамсараш зани 31-сола аз Қирғизистон мебошанд. Додситонии Ҳолланд гуфтааст, ки ин ду нафар бо чанд нафар дар Олмон дар тамос буданд. Ин марди тоҷик ба узвият дар созмони “Давлати исломӣ” муттаҳам мешавад, вале додситонии Ҳолланд гуфтааст, ки “нақшаҳои ӯ ҳанӯз мушаххас набуд”. Гуфта мешавад, ин мард узви гурӯҳе буд, ки дар Олмон боздошт шуданд.

“Ин ду нафар аз соли 2022 дар Ҳолланд зиндагӣ мекарданд ва барои омодагӣ ба амалиёти террористӣ гумонбар мешаванд. Ин мард ҳамчунин ба узвият дар гурӯҳи тундрави "Давлати исломӣ" гумонбар дониста мешавад”,- гуфтааст Додситонии Ҳолланд.

Аммо Додситонии Ҳолланд шахсияти нафарони боздоштшударо ошкор накардааст.

Дар ҳамин ҳол, Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон мегӯяд, ки “намояндагии дипломатии Тоҷикистон дар Олмон аз неруҳои амниятии Олмон тасдиқи боздошти тоҷиконеро, ки гӯиё ҳамлаи террористӣ омода мекарданд, дархост кардааст”.


“Ниҳоди дипломатии мо дар Олмон бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Олмон дар тамос аст ва дар бораи ин парвандаи ҷиноятӣ маълумоти расмӣ дархост кардааст”,- хабар медиҳад ВКД.

Ёдовар мешавем, ки соли гузашта низ мақомоти Олмон панҷ зодаи Тоҷикистонро бо гуноҳи узвият дар гурӯҳи тундрави "Давлати исломӣ" ё ДОИШ ба зиндон маҳкум карда буд.

МУЛОҚОТИ ОШИҚОНА

Маъшуқа қурбон шуду ошиқ зиндонӣ

Дар шаҳри Истаравшан ҷавоне барои “мулоқоти ошиқона” ба хонаи зани 27-солаи сокини ин шаҳр рафта, бо огоҳ шудани модари духтар дӯстдоштаашро 3 корд зада, модари духтарро маҷрӯҳ кардааст.



Дар ин бора Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон (ВКД) иттилоъ медиҳад. Ба гуфтаи манбаъ, ин ҷавон, ки пеш бо моддаи 244 (дуздӣ)-и Кодекси ҷиноятии ҶТ суд шудааст, акнун бо гумони содир намудани ҷинояти одамкушӣ боз дастгир гардидааст.

“Номбурда рӯзи 4-уми июл, тахминан соати 23:00 барои анҷом додани муносибатҳои ошиқонааш ба хонаи истиқоматии дӯстдоштааш, зани 27-солаи сокини шаҳри мазкур меояд. Аз ин ҳолат модари охирон, зани 47-сола огоҳӣ ёфта, аз дохили ҳуҷраи зисташ корди хоҷагиро гирифта, бо мақсади аз хонаи истиқоматиаш гумонбаршавандаро рондан таҳдид намудааст”,- хабар медиҳад ВКД.

Ин ниҳод меафзояд, ки “дар натиҷа баҳсу муноқиша сар зада, гумонбаршаванда кордро аз дасти ҷабрдида гирифта, бо мақсади қасдан аз ҳаёт маҳрум сохтан зани 27-соларо 3 маротиба ва модарашро 1 маротиба корд задааст”.

Ба иттилои манбаъ, духтар аз ҷароҳати ҷисмонии бардоштааш дар беморхона ба ҳалокат расида ва модараш ҷароҳати ҷисмонӣ бардошта, ҳоло дар беморхона бистарӣ гаштааст.

Ҳоло нисбати гумонбаршаванда бо иттиҳоми “одамкушӣ” (моддаи 104, қисми 2 Кодекси ҷиноятии ҶТ) парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шуда, тафтишот идома дорад.

ЗӮРАН САРИ ЗАНАШРО ТАРОШИД

Марди 29-солаи сокини ноҳияи Бобоҷон Ғафуров рӯзи 7-уми июни соли 2023 маҷбуран мӯйи сари занашро тарошидааст.

Ба иттилои ВКД, мард дар манзили истиқоматиаш бинобар ба миён омадани муносибати оштинопазири оилавӣ бо ҳамсари 28-солааш баҳсу муноқиша намуда, сипас, бо корд ӯро таҳдиди куштан кардааст ва ба ҳаммоми хонаашон бурда, бо тачҳизоти мӯйсаргирӣ сарашро тарошидааст.

Ба ин мард бар асоси моддаи 120 барои таҳдиди куштан то 2 соли зиндон таҳдид мекунад.

МАСТИВУ ОДАМКУШӢ

Мастӣ дар Панҷакент оқибат ба одамкушӣ оварда расонид.

Бино ба хабари ВКД, марди 53-солаи сокини шаҳри Панҷакент шаби 9 ба 10-уми июли соли 2023, тахминан соати 00:30 дар манзили истиқоматии марди 69-солаи сокини Панҷакент ба истеъмоли нӯшокиҳои спиртӣ машғул шудаанд, вале байни гумонбаршаванда ва соҳибхона баҳсу муноқиша бархостааст ва ӯ корди хоҷагиро гирифта, се маротиба ба узвҳои бадани соҳиби хона задааст. Дар натиҷа, ҷабрдида ҷароҳатҳои вазнини ҷисмонӣ бардошта, дар ҷойи ҳодиса ба ҳалокат расидааст. Ба ӯ барои одамкушӣ то 15 соли зиндон таҳдид мекунад.

ҲАМСАРАШРО КУШТ ВА ҚАСДИ ҶОНИ ХУД КАРД

Маркази матбуоти ВКД Тоҷикистон аз ошкор шудани боз як ҳодисаи куштори ҳамсар дар ҷараёни муноқишаи оилавӣ хабар дод.

Бино ба иттилои ин ниҳод, як ҷавони 24-солаи сокини шаҳри Турсунзода худаш ба мақомоти милитсияи ин шаҳр хабар додааст, ки субҳи 7-уми июли соли 2023, тахминан соати 09:30 падараш, марди 52-солаи сокини Турсунзода дар дохили ошхонаи манзили истиқоматиашон дар ҷараёни муноқишаи оилавӣ ба ғазаб омада, бо корд чанд маротиба ба бадани модари 44-солааш задааст. Дар натиҷа, ҷабрдида ҷароҳатҳои гуногуни ҷисмонӣ бардошта, дар ҷойи ҳодиса ба ҳалокат расидааст. Баъди ин, падари хонадон бо корд чанд маротиба ба бадани худ зада, қасди худкушӣ кардааст. Ӯро бо ҷароҳатҳои гуногуни ҷисмонӣ дар беморхона бистарӣ кардаанд.

ПИЁДАГАРДӢ

Аз камшавии вазн то пиронсолии бедард

Аксар вақт одамон фикр мекунанд, ки сайругашт варзиш нест, балки як намуди фароғат аст ва барои саломатӣ нафъи он аз машқҳои ҷисмонӣ камтар аст. Бо вуҷуди ин, ин тавр нест.



Пиёда роҳ гаштан метавонад задани дилро тез кунад, мушакҳо кор карда, чарбҳоро парча мекунад.

Дар як рӯз чанд дақиқа пиёда гаштан:

- 3 дақиқа роҳ рафтан фишори хунро паст мекунад;
- 5 дақиқа сайругашт дар ҳавои тоза кайфиятро беҳтар мекунад;
- 10 дақиқа сайругашт тафаккури эҷодиро зиёд мекунад;
- Пас аз хӯрок 15 дақиқа роҳ рафтан сатҳи қанди хунро коҳиш медиҳад;
- Пас аз хӯроки шом 30 дақиқа роҳ рафтан ба шумо имкон медиҳад, ки вазни худро гум кунед;
- 40 дақиқа гаштугузор метавонад бемории қалбро дар пиронсолон пешгирӣ кунад.

БОИМҶОН ВА ХУСУСИЯТҲОИ ДАРМОНБАХШИ ОН

Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки таркиби боимҷон аз 93,2% об, қариб 3 % шакар, то 1,2% намаки калий, калтсий, магний, каротин, витаминҳои B2 ва C иборат буда, истеъмоли он махсусан барои одамони солхӯрда муфид аст.

Дар таркиби боимҷон моддае бо номи мелонген мавҷуд аст, ки хусусияти зиёди шифоӣ дорад. Ин модда дар меваи боимҷон ҳангоми пухта расиданаш ҷамъ мешавад.

Боимҷон ба сифати ғизои табобатӣ барои муолиҷаи бемории варами рагҳои хунгузар муфид аст. Истеъмоли мунтазами он миқдори холестерини таркиби хунро то ба 50% кам мекунад.

Онро ҳамчун давои беҳтарин барои шахсоне, ки гирифтори бемории қалбанд, дар шакли ҳаб (таблетка) дар дорухонаҳо тавсия мекунанд.

Дар баробари ин, боимҷон барои муолиҷаи бемориҳои гурда, ҷигар, меъдаву рӯда ва сахтшавии меъда давои хуб аст.

Шарбати нимпухтаи боимҷон қобилияти бактериякушӣ дорад. Яъне, он барои илоҷи захмҳои решдори пӯст малҳами хубест. Ҳамчунин, агар нохост ягон ҷойи аъзои бадан захмӣ шавад, ба ҷои зелёнка шарбати боимҷонро истифода бурдан мувофиқи матлаб аст.

Барои тайёр намудани шарбати дармонбахш як миқдор боимҷони хушккарда ва резакардаро ба 1 литр об андохта, муддати 20 дақиқа бояд чӯшонид. Маҳлули ҳосилшударо ба сифати давои дарди дандон ва милкҳо истифода мебаранд.



ДАР ҲАВОИ ГАРМ ЧӢ ҚАДАР ОБ НӮШЕМ?

- Реҷаи умумии нӯшокӣ вуҷуд надорад, зеро он барои ҳар як шахс гуногун буда, аз якчанд омилҳо вобаста аст. Бо вуҷуди ин, дар гармӣ шахс бояд барои 30 кг вазн на камтар аз 1 литр бинӯшад,- мегӯянд терапевтҳо ва диетологҳо.

Тибқи маълумоти духтурон, дар гармӣ арақ зиёд мебарояд ва дар натиҷа талафоти он бояд ҷуброн карда шавад. Ҳаҷми ҳадди ақали истеъмоли об дар ҳавои гарм барои 30 кг вазн 1 литр муайян шудааст. Агар он кофӣ набошад, ба тамоми бадан таъсир мерасонад. Пеш аз ҳама, хун ғафс мешавад ва хавфи пайдо шудани мушкил дар системаи дилу рагҳо зиёд мешавад.

Духтурон ба ин назаранд, ки оби оддӣ, оби маъданӣ, оби лимӯ ва чойҳои гиёҳӣ барои рафъи ташнагӣ беҳтарин маҳсуб меёбанд. Дар айни замон, чойи сиёҳ ва кабуд қодир нестанд, ки талафоти оби баданро пурра ҷуброн кунанд.

Аз рӯи тавсияи духтурон истеъмоли нӯшокиҳои содаи ширин ва ҳама гунаи шарбат (тару тоза ва бастабандишуда) қатъиян манъ аст. Онҳо хеле зиёд шакар доранд, ки дар ҳавои гарм метавонад вазъро бадтар кунад.

Гуфтан бамаврид аст, ки дар сурати мавҷуд будани ягон беморӣ, меъёри муносиби истеъмоли нӯшокии беҳтарин бояд бо машварати духтур муайян шавад.

Толеънома



Ҳамал
21.03 - 20.04

Шуморо имкониятҳои нав интизоранд. Ба тағйирот омода бошеду барои пешравии кори худ истифода баред. Маблағи дар даст доштаатонро боақлона сарф намуда, кӯшиш намоед барои оянда низ захира дошта бошед. Ғизои мукаммал ва серҳаракатӣ саломатиятонро беҳтар месозад.



Савр
21.04 - 21.05

Барои зодагони мучали савр ҳафтаи душвортар аст. Беҷуръатӣ боиси он мегардад, ки аз зиндагии худ қаноатманд намегардед. Шумо бояд барои расидан ба ҳадафу орзуҳои худ қадам ба қадам пеш равед. Дар касбу кор аз масъулиятҳои нав натарсед.



Ҷавзо
22.05 - 21.06

Ҳафтаи серташвиш мешавад. Робитаву шиносоиҳо зиёд мешаванд, аз навигариву иброз намудани ақида натарсед. Аз ҷиҳати молиявӣ ҳафтаи бобарор аст. Сарчашмаҳои нави даромад ё кори маошаш баландтар пайдо мекунед. Ба ҳолати равонии худ диққати хоса зоҳир намоед.



Саратон
22.06 - 23.07

Ҳафтаи нисбатан ором аст. Дилатон кунҷи танҳоӣ мехоҳад. Бояд ба садои қалби худ гӯш андохта, ба гапи атрофиён диққат надиҳед. Аз хариди беҳуда худдорӣ намуда, бодиққат бошед. Барои истироҳат ва дилхушӣ вақт ҷудо кунед, он гоҳ нерӯятон зиёд мегардад.



Асад
23.07 - 22.08

Ҳафта барои муаррифӣ намудани истеъдоду қобилиятҳоятон имконият фароҳам меорад. Ба ҳамкорон дилкушодӣ ва самимияти худро нишон додanатон лозим аст. Кӯшиш намоед, ки манбаи даромади пулиятон доимӣ бошад. Барои табобату истироҳат вақт ёбед.



Сумбула
23.08 - 22.09

Давоми ин ҳафта натиҷаи заҳматҳои худро мебинед. Барои дар касбу кор муваффақ шудан бештар аз пайи омӯзиш бошед. Бо шарофати кӯшишҳои касбиву беназир манбаи даромади худро зиёд мекунед. Ҳамарӯза дар ҳавои тоза машқи бадан кардан боиси солимии руҳу тан мегардад.



Мизон
25.09 - 22.10

Шумо ниёз ба оромиву нишот доред. Кӯшиш намоед, ки бо атрофиён муноқиша ва нерӯи худро беҳуда сарф накунед. Умеди худро аз мувaффақ гаштан дар касбу кор кам насозед. Дар вақти корӣ танаффусу истироҳат карданро барои худ одат кунонед.



Ақраб
23.10 - 22.11

Дар зиндагиятон тағйироти назаррас рух медиҳад. Барои беҳтар сохтани вазъи молиявӣ ё манбаи даромади роҳҳои нав пайдо мекунед. Баъзеҳо аз ҳамкориҳо фоидаи хуб ба даст меоранд. Давоми ҳафта аз бехобӣ ва хастагии шадид азият мекашед.



Қавс
25.11 - 21.12

Ба тағйирот, ҳамкориву ширкат варзидан дар лоиҳаҳои нав омода бошед. Кор кардanатон хуб аст, вале истироҳатро низ фаромӯш насозед, вагарна сахт хаста мегардед. Нисбати дӯстдоштаи худ меҳру муҳаббататон зиёд мегардад.




Ҷаддӣ
22.12 - 20.11

Дар ин ҳафта аз норасоии пул танқисӣ мекашед, аз ин рӯ, пулро зиёд сарф накунед ва харочоти худро ба нақша гиред. Эҳсоти худро идора карданро омӯзед, агар онро пинҳон карданӣ шавед, ба саломатиятон бетаъсир наметонад.



Далв
21.01 - 19.02

Диққати худро ба қобилиятҳои эҷодӣ равона намоед. Ба робита бо дигарон ва ҳамкориҳои дастаҷамъона омода бошед. Шумо бояд ҳамчун мутахассиси беназир ҷасорат доштани худро нишон диҳед. Аз кори зиёд ва меҳнати сангин худдорӣ карданатон лозим аст.



Ҳут
20.02 - 20.03

Давоми ҳафта дилатон оромӣ мехоҳад, табъатон нозук мешаваду зудранҷ мегардед. Аз ҷониби нафаре дастгирӣ ва кумаки молиявӣ мебинед. Пулро саросема сарф накунед. Рӯзҳои наздик ба пул эҳтиёҷатон зиёд мегардад. Ба ғизои худ диққат дода, бештар об истеъмол намоед.

ШОИРЕ, КИ 42 ФАРЗАНД ДОШТ...

Шоирони мо ғайр аз осор бо ин ё он хислаташон ё ривоёт дар байни мардум маъруф ҳастанд. Масалан, дарозумриро ба Саъдии Шерозӣ, ғайбдониро ба Ҳофиз нисбат медиҳанд. Аҳмади Ҷомӣ бошад, соҳиби 42 фарзанд будааст...



Аҳмади Ҷомӣ, ки дар таърих ҳамчун ориф ва ҳамчун шоир маъруф аст, дар соли 441-и ҳичрии қамарӣ, 1049-и мелодӣ дар деҳаи Номқи вилояти Ҷом ба олам омад. Вай дар баробари шоир буданаш аз авлоди шахсиятҳои бузурги таърихи ислом ба шумор меравад. Вай аз фарзандони саҳобаи Расулуллоҳ - Ҷарир ибни Абдуллоҳ будааст. Ҷарир ибни Абдуллоҳ дар соли охирини зиндагии Муҳаммад алайҳиссалом исломро қабул мекунад ва аз худаш нақл ҳаст, ки ҳар гоҳ бо ӯ паёмбар мулоқот мекарданд ва ё рӯ ба рӯ мегаштанд, табассум менамуданд. Ҳазрати Умар Ҷарир ибни Абдуллоҳро «Юсуфи ин уммат» хитоб мекарданд.

Аҳмади Ҷомӣ дар тӯли умри худ ба ҳидояти мардум машғул гашт ва дар ҳаёти худ мекӯшид, ки доимо ба нафъ ва фоидаи мардумон кор кунад. Беш аз ҳама вай мехост, ки мардумро аз роҳи бад гардонад ва онҳоро ба тавба мутамоил гардонад.

Аҳмади Ҷомӣ бо тахаллуси унвонҳои фахрии Жандапил, Шайхи Ҷом машҳур аст. Аз ӯ девони ашъор, ки ҳиссаи бештараш аз ғазал иборат аст, боқӣ мондааст. Аҳмади Ҷомӣ ҳамасри Саноии Ғазнавӣ, Муҳаммади Ғазолӣ ва Айнулқуззоти Ҳамадонӣ буд. Даргузашти Аҳмади Ҷомӣ дар соли 534-и ҳичрӣ, 1139-и мелодӣ сурат гирифтааст. Марқади ӯ то кунун зиёратгоҳи аҳли фазл мебошад.

Аҳмади Ҷомӣ аз сабаби бузургчуссагияш Жандапил унвон гирифтааст. Гоҳо ӯро Зиндапил ҳам навиштаанд, яъне вай аз лиҳози ҷисмонӣ ягон ноқисие надоштааст.

Аз ин шоир ва ориф чилу ду нафар фарзанд ба ҷаҳон мерос монда будааст, ки сию нуҳтои онҳо писар ва се нафари дигарашон духтар будаанд. Табиист, ки Шайхи Ҷом фарзандонашро босавод тарбия кардааст. Қисме аз фарзандонаш тариқати падарашонро идома дода, ба ҳидояту иршоди мардум машғул гардидаанд, як гурӯҳи дигари фарзандони Аҳмади Ҷомӣ то ба мартабаи вазирӣ ва дабириву амирӣ расидаанд.

Худи Аҳмади Ҷомӣ маърифати Парвардигорро сарвати нек меҳисобид ва дунёро бошад, чизе намедонист, чунон ки фармудааст:

Молу мулку тахту бахту
миру чокар ҳеч нест,
Кору бору гиру дору зебу
зевар ҳеч нест.
Қасру насру шоҳу моҳу
боғу роғу гулситон,
Чун кушоӣ чашми ҷурьат,
эй бародар, ҳеч нест.

И. РАҲИМОВ,
фарҳангшинос

Душанбе



Дорам ҳаваси дидани гулҳои Душанбе
Боғу чаману гулшани зебои Душанбе.

Пайваста равам аз бари гулгашту хиёбон,
Кай сер шавад дил зи тамошои Душанбе.

Фавворазанон сӯи фалак оби мусаффо,
Бахшад нафаси тоза ба ҳар ҷои Душанбе.

Аз кӯҳи самобӯс равон оби зулолаш,
Чун роҳати ҷон соҳили дарёи Душанбе.

Фахри ҳамагон пайкари Исмоили Сомон,
Афзун бикунад ҳусни дилорои Душанбе.

Дар боби дилороии гулдухтараконаш,
Шаҳре ба ҷаҳон нест чу ҳамтои Душанбе.

Меҳмон бишавад ҳар кӣ дар ин шаҳр, яқин аст,
Як умр шавад волаву шайдои Душанбе.

Ободии ин шаҳри ҷавонро бифизоем,
Олам бишавад қоили симои Душанбе.

Нуралӣ АВАЗ

Дубайтиҳо

Душанбе ҳусни ту вирди
забон шуд,
Ҳама ҷоят гуландом,
гулфишон шуд.
Ҳама рӯзат бишуд
монанди Наврӯз,
Ҳама фаслат баҳори
бехазон шуд.

***


Душанбе, дар канорат боғу роғ аст,
Аз он болида ҳар касро димоғ аст.
Шабона ҳусни ту афзун бигардад,
Ба ҳар паҳлӯ қатори гулчароғ аст.

***

Бароям пойтахтам дилписанд аст,
Забон дар таърифи ҳусни ӯ банд аст.
Самогир парчамаш бар дидаи ман,
Зи авҷи бурҷи Эйфел ҳам баланд аст.

***

Фараҳмандам зи ҳусни дилрабоят,
Ливои сарбаланду пурҷилоят.
Душанбе, равнақат афзун бигардад,
Зи азми Рустами дасти расоят.



«БӮЕ ЗИ МӮЛИЁН» ДАР ЭРОН

Китоби “Бӯе зи Мӯлиён” маҷмӯаи шеърҳои даҳ шоири ҷавони тоҷик аст, ки бо пешниҳоди донишманди шинохтаи тоҷик профессор Сафар Абдуллоҳ тариқи интишороти “Хирадгон”-и Эрон бо теъдоди 1000 нусха ба чоп расид.

Дар он даҳ шеър аз даҳ шоири тоҷик - Фирдавси Аъзам, Толиби Луқмон, Баҳроми Раҳматзод, Муҳриддин Сабурӣ, Шаҳриёр Олимӣ, Шодиҳасани Шарифниё, Бузургмеҳри Баҳодур, Эҳсони Рачабӣ, Бузургмеҳри Тоҷиддин ва Бобаки Суғдӣ нашр шудааст.

Бояд гуфт, ки ин аввалин иқдом дар самти муаррифии ашъори шоирони ҷавони тоҷик дар Эрон аст.

Мавлудномаҳо

• 13 ИЮЛ •

Иван Клеандров (1930-1987), 120-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

Яков Макаревич (1928), 95-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

Собир Хоҷаев (1928-2009), 95-солагии зодрӯзи муаррих, мутарҷим.

• 14 ИЮЛ •

Мурод Ғозиев (1933), 90-солагии зодрӯзи файласуф.

Муъмин Муҳиддинов (1933), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

Татяна Пометун (1923-2005), 100-солагии зодрӯзи забоншинос.

• 15 ИЮЛ •

Муҳаммадсиддиқ Асадбекзода (1968), 55-солагии зодрӯзи шоир.

Ашӯрбой Бекматов (1953), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

Юрий Воронин (1913-2004), 110-солагии зодрӯзи арбобӣ хоҷагӣ, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

Раҳмон Остон (1953-2014), 70-солагии зодрӯзи нависанда.

Георгий Пешковский (1903-1959), 120-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

• 16 ИЮЛ •

Муҳинҷон Ғиёсов (1913-1995), 110-солагии зодрӯзи актёри театр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

Зубайдулло Иззатуллоев (1943), 80-солагии зодрӯзи доктори илми биологӣ, профессор.

Қурбон Ҳусайнӣ (1938), 85-солагии зодрӯзи нависанда.

Муъмин Шамсиддинов (1958), 65-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика.

• 17 ИЮЛ •

Ӯктам Тошматов (1953), 70-солагии зодрӯзи генерал-майор.

Абдусаттор Ҳафизов (1958), 65-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика.

• 18 ИЮЛ •

Миршароф Ваҳҳобов (1943), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

Екатерина Григоренкова (1933-2015), 90-солагии зодрӯзи доктори илми кишоварзӣ.

Тошбек Нуралиев (1913-1994), 110-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

• 19 ИЮЛ •

Хуршедхон Ботуров (1968), 55-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

Александр Гейвандов (1953), 70-солагии зодрӯзи рассом, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

Нисо Мансурхоҷаева (1938-1990), 85-солагии зодрӯзи олимаи соҳаи тиб.

Таҳияи З. ГУЛМУРОД, Н. БАҲРУЛЛО,
кормандони Китобхонаи
миллии Тоҷикистон

Аз идора

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?
ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!
Тел: 221-00-84

Эълонҳои бештар дар



ARZON.TJ

ЭЪТИБОР НАДОРАД

►Шиносномаи техникӣ ба номи Якубова Вилоят Абдурахимовна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. И. Сомонӣ, к. С. Абдуллоев 61/3, ҳ. 1 (собиқ Шевченко), аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Парвандаи заминсозӣ ба номи Мизроби Файзулло, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, к. Дӯстии халққо 31, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Раҳматуллоев Сафар бо суроғаи н. Рӯдакӣ, ҷамоати деҳоти Зайнабобод, деҳаи Сароб 281 аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шиносномаи шаҳрвандӣ А4188389 ба номи Кадыров Шухрат Садыкович, ки санаи 17.10.2006 аз ҷониби ШКД н. Шоҳмансур дода шудааст, эътибор надорад.

►Дастгоҳи ҳисоббаробаркунӣ (кассовый аппарат), Миника 1105Ф, №2008837 ба номи Олимов Нурмаҳмад, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шиносномаи техникии хонаи истиқоматӣ ба номи Шеров Восе Шехович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, ҷамоати деҳоти Сарикиштӣ, деҳаи Сарикиштии поён 17, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва иқтибоси хоҷагии деҳқонии Хабибулло-2006, РЯМ: 0730033215, РМА: 075243510, ки аз 02.07.2010 дар Нозироти андози шаҳри Турсунзода ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шартномаи хариду фурӯши таҳти феҳристи №1ш-1963 аз 21.06.2022 ба номи Халифаев Раҳимбег Гулович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, к. Гулпарвар-1, хонаи 2070, ҳ. 26, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шиносномаи техникӣ аз 17.07.1985 бо суроғаи ҷ. Сомониён, к. Чоргултеппа 60, ба номи Абдужалилов Абдухолиқ, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шаҳодатномаи ХДФ "Саёра-2018", РЯМ: 3330076668, РМА: 045227276, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шаҳодатномаи нафақа №12397 аз 03.08.2015 ба номи Нигматов Абдулложон Назруллоевич, РМИ ВКД ҶТ, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши нуқтаи қабули пахта таҳти феҳрасти рақами 1-1466 аз 22.05.2023, ки аз тарафи Идораи нотариалии ноҳияи Дӯстӣ ба номи Сунатуллоев Ҳақназар, нуқтаи қабули пахта воқеъ дар ноҳияи Дӯстӣ, ҷамоати деҳоти Нури Вахш, деҳаи Гогол (пешинааш Янги Обод) ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ таҳти феҳрасти 4П-940, ки аз 18.10.1996 дар Идораи нотариалии давлатии н. Рӯдакӣ ба номи Ҷураев Азамҷон Юлдошевич бо суроғаи н. Рӯдакӣ, кӯчаи Рабочая, хонаи 27 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯи қонун таҳти феҳрасти 4М-231, кори меросии рақами 176/2020, ки аз 16.12.2020 аз тарафи нотариуси давлатии н. И. Сомонии ш. Душанбе ба номи Раҷабова Азиза Аҳмадҷоновна бо суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи Рӯдакӣ, хонаи 70, квартираи 94 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯи қонун таҳти феҳрасти 8Н-571 кори меросии рақами 366, ки аз 26.07.1989 аз тарафи Идораи нотариалии давлатии 2-юми ш. Душанбе ба номи Урунова Соджида бо суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи Деҳи-боло, хонаи 55 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникии хонаи истиқоматӣ ва шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳрасти 1Ш-1085, ки аз 12.07.2003 аз тарафи Саридораи нотариалии давлатии ҶТ ба номи Саидова Давлатбӣ Исматулоевна бо суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи Осторовская, хонаи 1, квартираи 18 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шаванд.

►Шиносномаи техникии хонаи истиқоматӣ ва шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ таҳти феҳрасти 1Ш-168, ки аз 19.02.2007 дар Идораи нотариалии давлатии н. Рӯдакӣ ба номи Холов Зайдулло Зубайдуллоевич, хона воқеъ дар н. Рӯдакӣ, ҷамоати Навобод, кӯчаи Гагарина, хонаи 13 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шудан беэътибор дониста шавад.

PRESSA.TJ
СОМОНАИ НАШРИЯИ ТОҶИКИСТОН
ХАБАРҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶАҲОН

БАРҲАМ МЕХУРАД

►ҶДММ "Нуракиён" №0276093, РЯМ: 3310003272, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо муддати 2 моҳ қабул карда мешаванд.

ТАЪЗИЯ

Раёсат ва ҳайати устодону кормандони Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик Муҳаммад Осимӣ ба ректори донишгоҳ Давлатзода Қудрат Қамбар нисбати даргузашти бародараш табиби варзида **РУСТАМ ДАВЛАТОВ** изҳори ҳамдардӣ намуда, ба пайвандону наздикони марҳум сабри ҷамил хоҳонанд.

JOB VACANCIES

UNDP is the United Nations' global development network, an organization helping to achieve the eradication of poverty, and the reduction of inequalities and exclusion by supporting countries to develop policies, leadership skills, partnering abilities, institutional capabilities and build resilience to sustain development results. The network is active in about 170 countries and is present in Tajikistan since 1994. Our current focus in the country is on sustainable economic development, governance, building resilience to climate phenomena, developing the country's potential on green energy, and reducing the burden of HIV/AIDS.

UNDP Tajikistan is seeking to recruit:

- **Project Manager (Youth Empowerment) (Job ID: 11905/NPSA-9); Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 19 July 2023 NY time (or 20 July 2023, 08:59 AM TJK time)**
- **Project Analyst (Job ID: 11982/NPSA-8); Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 21 July 2023 NY time (or 22 July 2023, 08:59 AM TJK time)**

For detailed Job Description and instructions for submission of applications please visit our website https://www.undp.org/tajikistan/jobs

Online application includes filling in the online form with all the required information. Incomplete forms will not be considered for further assessment.


UNDP is committed to achieving workforce diversity. Women are encouraged to apply, as well as individuals from minority groups and persons with disabilities.

Судоку


			2					
5	3				1	9		7
6		8			3		4	
	2	6	5		7			3
4	7		8	1			2	
		5	6				8	
	5	4	7	2			1	
		7	1			3		
9					6			2

		7	4		9	2		
2				5		3		
6	8	4	3					7
4					2			1
5	6	8		1	4			
			9				7	
	1							3
		5		7		8	2	6
	2			4	8		5	

Фарқиятро ёбед!



Лабиринт



Сканворд



Беғам, бедард, фориғбол
Зебунисо ..., чемпиони ҷаҳон
Обёрии замин дар зимистон
Васеъ, кушоду паҳн
Абдулҳамид ... ов, нависанда
... Назаров, овозхон
Антонимии ҳаёт, марг
Сангпораҳои суфта (русӣ)
Навъи чой
Душман
Ҳашароти ростболи заррасон
... Сомон
Асбоби суръатсанҷи нозири рох
Харбузаи хом ва нарас
Хушбахт, некбахт
Банд, ресмони хайма
Омили кимиёвӣ ва физикӣ
Нопухта, ғӯра
Давлат дар Африқои Шарқӣ
Бобат, ҷиҳат, бора
Боғи калонтарин дар Маскав
Доҳии пролетариат.
Нам, рутубатнок
Интихобкардашуда
Насронӣ
... Турсун, нависандаи тоҷик
Яке аз амалҳои бахшӣ
9 майрӯзи ...
Антонимии вайрон
... - ТАСС
Ошён
Хавф, бим, ваҳм
Шаҳр дар вилояти Калининград и Русия
Ноҳия дар атрофи Душанбе
Шикам, дарун
Асъори миллии Венгрия
Бараҳна, урён
Қуллаи баландтарини Қафқоз
Фаъол
зӯрӣ, ҳамла, ҳуҷум
Лозимӣ, пойҷома
Модар
Торҳои борики мағзи сар
Миллати С. А. Есенин, шоир
Шабакаи ТВ дар Русия
Дарё дар Швейтсария ва Фаронса
Дуруструкор, адолатпеша

Бозор

Зане ба фурӯшанда мегӯяд:

- Ман 10 кг картошка хариданиям, вале метарсам, ки онро ба хона бурда наметавонам.

Фурӯшанда мегӯяд:

- Ғам нахӯред холаҷон, ман онро тавре бармекашам, ки бурда метавонед.

Аскарӣ

Писар аз падар мепурсад:

- Дада, шумо ба аскарӣ рафта будед?

Падар:

- Не, маро набурданд.

Писар ҳайрон шуда:

- Барои чӣ набурданд?

Падар мегӯяд:

- Маро наёфтанд!

Рашки набера

Дар дарси забон муаллима ба хонандагон супориш медиҳад:

- Бачаҳо, оид ба сифат ҷумла созед.

Садбарг фавран ҷавоб медиҳад:



- Ҳалима аз мағоза қалами сурх харид.

Ҳошим якбора оташ гирифта, мегӯяд:

- Номи бибии худатро нависс...

Нақша

Марде ба дӯсташ, ки дар муҳоҷират қарор дорад, занг зада, мепурсад:

- Салим, дӯстам, тирамоҳ чӣ нақшаҳо дорӣ?

Салим мегӯяд:

- Нақшаҳои наполеонӣ, дӯстам!

Мард мегӯяд:

- Фаҳмо. Яъне, ту билохира аз Русия гурехтан мехоҳӣ?

Рӯзи ид

Аз майхорае пурсиданд:

- Ту арақ менӯшӣ?

Майхора гуфт:

- Танҳо рӯзҳои ид.

Боз пурсиданд:

- Рӯзи идат кадом аст?

Мард гуфт:

- Рӯзе, ки арақ ёбам, ҳамон рӯз бароям ид аст.

Ҷарима

Корманди Бозрасии давлатии автомобилӣ мардеро барои баланд намудани суръати нақлиёт ҷарима мекунад. Баъди гирифтани маблағи калон нозири роҳ ба ронанда квитансия медиҳад.

- Квитансия ба ман чӣ даркор?,- мепурсад ронанда.

Нозири роҳ дар ҷавоб:

- Ин квитансияҳоро гум накунед, вақте ки шумораашон ба 12 расид, соҳиби велосипед мешавед.

Таҳияи
Нодира РАҶАБОВА

Сканворд





Унвони ҳақиқӣ

- Аз ҳофизҳои халқӣ ва ё хизматнишондодаи Тоҷикистон киро хуб мешиносед?,- пурсид аз ман Зоҳиршо баъди сурудхоние.

Бе ҳеҷ андешае гуфтам:

- Аз ҳофизҳои халқӣ Далер Назаров мешиносам, ки ҳам миёни мардуми Тоҷикистон ва ҳам берун аз кишвари мо маъруф аст.

- О, Вазорати фарҳанг ҳанӯз ба Далер унвони ҳофизи халқиро надодааст-ку,- гуфт бо ҳайрат.

- Ман унвони халқиро дар назар дорам, унвонеро, ки худи халқ додааст,- гуфтам бо табассум.- Агар Далер бо ин ҳама маъруфият ҳофизи халқӣ набошад, пас кӣ халқӣ буда метавонад?

Туҳмат

Субҳи барвақт рафиқе ба ман занг зада, баъд аз салому алейк гуфт:

- Муборакатон бошад! Шунидем, ки шаробнӯширо бас кардаед.

Гуфтам:

- Кӣ чунин хабари нохушро ба шумо расонд?

- Баъзе аз рафиқон.

Хандидаму гуфтам:

- Дар ҳақи ман туҳмат кардаанд.

Бо санаи рӯз

(Аз мусоҳибае)

- Имрӯзи Шумо аз рӯзҳои пешин бо чӣ фарқ мекунад?

- Бо санаи рӯз.

Фарқияти «таға» аз «таға»

- «Таға» аз «таға» чӣ фарқ дорад?,- пурсидам аз ҷияне.

Гуфт:

- Таға зӯр аст, ӯ воситаат мешавад, коратро буд мекунад ва пуштибонат мешавад, таға не.

Гуфтам:

- Пас ман «таға»-ям ё «таға»?

Хандиду гуфт:

- Шумо тағоед, чунки аз дастатон коре намеояд.

Холиқназар ҶУМЪАЗОДА